
БАҲРОМИ
ЧӮБИН
@kitobju

КИТОБХОНАИ МАКТАБ

АБӮАЛИИ БАЛЪАМӢ

# БАҲРОМИ ЧӮБИН



АБӮАЛИИ БАЛЪАМӢ

# БАҲРОМИ ЧӮБИН

Бо муқаддима ва тасҳеҳи Худоӣ Шарифов
Муҳаррир Сайёд Ғаффор

ДУШАНБЕ
«МАОРИФ»
1992

## МУҚАДДИМА

Қиссаи «Баҳроми Чӯбин» фаслест аз тарҷумаи «Таърихи Табарӣ», ки ба қалами Абӯалии Балъамӣ тааллуқ дорад. Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Язид Табарӣ муаррих ва факеҳи машҳури эронӣ буд, ки асарҳояшро ба забони арабӣ таълиф мекард. Ӯ соли 838 ё 839 дар шаҳри Омули вилояти Табаристони Эрон таваллуд шуда, соли 923 дар Бағдод фавтидааст. Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ таълифоти бисёре дорад ва муҳимтарини онҳо китобе оид ба таърихи олам «Таърих ар-русул вал-мулук» (Таърихи пайғамбарон ва шоҳон») ва китоби тафсир ба унвони «Китоб-ул-ҷамоеъ-ул-баён фи тафсирил-Қуръон») («Китоби маҷмӯаи баён дар тафсири Қуръон») мебошанд. Китоби якум ба унвони «Таърихи Табарӣ» ва дуюм — «Тафсири Табарӣ» дар байни аҳли илму адаб шӯҳрат ёфтаанд. Ин ду китоби Табарӣ дар солҳои 50 ва 60-уми асри X ба забони форсӣ (тоҷикӣ) бо ихтисору такмиле тарҷума шуданд. Мутарҷими «Таърихи Табарӣ» Абӯалии Балъамӣ ва «Тафсири Табарӣ» гурӯҳе аз фақеҳони Мовароуннаҳр буданд.

Абӯалии Балъамӣ фарзанди вазири машҳур Абулфазли, Балъамии ҳомии устод Рӯдакист. Хонадони Балъамӣ аз қарияи Балъамони вилояти Марв баромада ва нисбаи худашонро _аз номи ватанашон гирифтаанд. Шахсияти Абулфазли Балъамӣ ва Абӯалии Балъамӣ шаҳодат медиҳад, ки ин хонадони бас шарифе будааст ва аз он мардони аҳли фазлу ҳунаре по ба арсаи ҳастӣ ниҳодаанд. Дар кутуби таърихии то охирҳои асри XI маълумот роҷеъ ба намояндагони хонадонн Балъамӣ ба чашм мерасад.

Мутарҷими «Таърихи Табарӣ» Абӯалии Балъамӣ аввал вазири Абулфаворис Абдумалик ибни Нӯҳи Сомонӣ (954—961) ва баъд Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ (961—976) будааст. Дар оғози китоб дар соли 963 аз ҷониби Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ гирифтани фармони тарҷумаи ин китобро аз арабӣ ба форсӣ, кайд мекунад. Аз ин рӯ, яқинан тарҷуман китоб дар солҳои шастум анҷом ёфтааст, Абӯалии Балъами соли 974 вафот кардааст.

Тарҷумаи Балъамӣ баъзе хусусиятҳое дорад, ки онҳоро гуфтан лозим аст. Аввало, Балъамӣ дар тарҷума бештар роҳи хулоса кардани матни китоби Табариро пеш гирифтааст ва аз тарафи дигар, ба матни

китоб ӯ аз худ тағйироту иловаҳо дароварда ва ҳар дафъа аз ин афзуданҳои худ ба матн ёд мекунад. Дар натиҷа тарҷумаи ӯ аз матни асл фарқи зиёде пайдо карда ва ҳукми китоби наву тозаеро гирифтааст. Ба ин сабаб онро маъмулан «Таърихи Балъамӣ» ҳам мегӯянд. Тарҷумаи пандномаи Бузургмеҳро бо номи «Зафарнома» («Пирӯзинома») аз арабӣ ба форсӣ низ мансуб ба қалами Абӯалии Балъамӣ донистаанд.

Қиссаи «Баҳроми Чӯбин» яке аз фаслҳои бисёр ҷолиби китоби «Таърихи Балъамӣ» мебошад. Дар ин қисса саҳнаҳои аҷибу ғариби таърихӣ, корномаҳои мардонагӣ, ҷасурӣ, дӯстию душманӣ ва кинахоҳӣ, тасвирҳои асотирӣ ва амсоли он хеле фаровонанд. Мутолиаи онҳо моро бо саҳнаҳои аҷиби таърихи бостон ва тасаввури гузаштагон оид ба онҳо шиносо менамояд. Тағйири ҳодисаҳо, задухӯрдҳою моҷароҳо боиси ангехтани шавқи мутолиаи он мегардад.

***Худоӣ Шарифов***

## БАҲРОМИ ЧӮБИН

Чун даҳ сол аз подшоҳии Ҳурмуз бигузашт, маликон аз ҳар сӯй ба подшоҳии ӯ андар омаданд ва лашкарҳои ӯ ҳама аз ҷои хеш бирафтанд. Аз сӯи турк малики турк биёмад, писари хоқон, холи (писари холаи) Ҳурмуз, номи вай Шобашоҳ. Ва хоқон мурда буд ва мулк ба Шоба расида буд ва ӯ аз Ҷайҳун бигузашт ва ба Балх омад ва он сипоҳи Ҳурмуз, ки ба Балх буданд, бигурехтанд ва ӯ Балх бигузошт ва ба Хуросон омад ва ба Толиқон, аз он ҷо ба ҳадди Ҳироту Бодғис омад. Ва аз сӯи Мағриб малики Рӯм биёмад бо сад ҳазор мард ва Шом ригирифт, он ки Нӯшервон дошта буд ва гуфт: «Ин на аз хаддн Ачам аст, ки ин мамлакати Рум аст, то ҳадди Насибин» ва аз сӯи Армания ва Озарбойгон маликн Хазарон берун омад бо сипоҳи бисёр ва он ҳадҳо бигирифт. Ва аз сӯи бодия, аз ду ҷониб араб берун омад, якеро Аббос ал-Аҳвал ва дигарро ном Амр ибн ул-Азрақ буд. Шаҳрҳои Порс бисёр бигирифтанд ва фасод карданд.

Ва Ҳурмуз ба Мадоин андар буд, аз ҳар сӯй гирди вай андар омада ва кор бар вай сахт шуда. Пас мӯбадони мӯбадро[1] ва сарҳангони сипоҳро бихонду гуфт:

– Чи тадбир кунем? Ҳар кас тадбире дигар ҳамекарданд ва мӯбадони мӯбад хомӯш буд. Малик Ҳурмуз ӯро гуфт:

– Ту низ тадбире кун ва моро ба раъю тадбири хеш маунат (ҳамроҳӣ) кун, ки сухану тадбири пирон муборак бувад.

Гуфт:

– Эй малик, аз ин хамаи душманон туро душмантар малики турк аст ва душманони ин мамлакат эшонанд, ин дигарон на душмананд. Аммо малики Рум ҳаққи хеш мехохад ва подшоҳии хеш талаб мекунад, он ки Нушервон аз вай ситада буд. Ҷн шаҳрҳо ҳаргиз аз они маликони Аҷам набудааст ва он мардумон тарсоанд, он шаҳрҳо бад-ӯ боз деҳ ва бо вай сулҳ кун, то аз ту бозгардад. Ва аммо аъроби бодия мардумони заифу дарвешанд ва дар бодия каҳтӣ бувад, аз он эдар (ин ҷо) омадаанд. Эшонро таому хоста фирист, ки эшон худ боз гарданд ва бодия дӯсттар доранд аз шаҳрҳо. Ва аммо ин мардумон, ки аз Хазарон омаданд, бад-ин омаданд, ки чизе бирабоянд ва бисёр ғаниматҳо ба даст овардақд, акнун рӯй ба подшоҳии хеш ниҳанд. Нома кун ба кордорони замини Армания ва Озарбойгон, то гирд оянд ва оҳанги эшон кунанд, ки эшон худ аз

[1] Мӯбадони мӯбад — сарвари рӯҳониёни зардуштӣ.

бими он хоота, ки доранд, чанг накунанд. Ва худ бисоз мар ҳарби туркро, ки ҳеч душман батар аз турк нест. Ё худ бирав ё сипоҳ бифирист бо солоре ҷалди (чобуки) мубориз, то бо эшон корзор кунад.

Малик Ҳурмуз гуфт:

– Аҳсант! Некӯ гуфтӣ!

Пас расулон фиристод сӯи Қайсар ва бо вай сулҳ кард ва он шаҳрҳо, ки Нӯшервон аз вай бистада буд, боз дод ва малики Рум баргашт. Ва Ҳурмуз нома кард ба аммоли (амалдорони) Арминия ва Озарбойгон, то сипоҳи Хазаронро аз он ҷо бирамониданд ва сӯи бодия таому хоста фиристод бар дасти марде номи вай Ҳавзат ибни Алӣ ал-Ҳанафӣ. Ин Ҳавзат аз бани Ҳанифа буд. аз маликзодагони Бахрайн ва Имома ва араб ӯро бузург доштандӣ... Ҳавзат бирафт ва он аъробро ба Баҳрайн бозгардонид ва дили Ҳурмуз беғам гашт ва малики Рум низ бэ сулҳ бозгашт ва сипоҳи Хазар бо Хазарон шуданд ва Ҳурмуз аз душманон бипардохт ва ба тадбири мамлакат биистод ва меҳтарони мулкро гирд кард ва мӯбадони мӯбадро гуфт, ки худои таъоло корн мо некӯ кард ва ҳама душманонро аз мо бозгардонид. Ин Шобашоҳ мондааст, ки ба миёни подшоҳии мо андар омадааст. Киро ба ҳарби ӯ шояд фиристем? Ҳама машварат карданд, ки ин корзорро ба чуз Баҳроми Чӯбин нашояд. Ва ӯ Баҳром ибни Баҳром ибни Чушнас буд ва аслаш аз Рай буд ва андар он вақт марде мардонатар ва муборизтар аз вай набуд. Ва ба гуна сиёҳчурда буд ва ба боло дарозу ба тан хушк (лоғар) буд, азеро (бад-он чиҳат) уро Баҳроми Чӯбин хондандӣ, Ва гурӯхе гуфтанд ӯро Шӯбин хандандӣ, на Чӯбин. Ва асли Шӯбин он бувад, ки ӯ ба хурдагӣ (бачагӣ) ба ҳарб шуда буд ва бар дари (канори) Рай мардеро зарбате зада буд ва аз сар то кӯҳаи (қоши) зин фурӯ оварда буд ва мардумоқ ба наззоран он мешуданд ва ҳар замон мар яқдигарро ҳамегуфтанд: «Шав-бин (бираву бубин). он зарбатро» Пас ӯро ин лакаб карданд ва ин дурусттар аст.

Ва ан[6]дар мулуки Аҷам ду маликро ба мардию муборизат ном бурданд: яке Баҳромн Гӯр ва яте Баҳромн Шӯбиц. Ва ҳадиси Баҳроми Гур гуфта шуд андар пеш. Ва Нӯшервон Баҳроми Шӯбинро аз Рай биёварда буд ва мулки Арминия ва Озарбойгон ба вай дода буд. Ва ӯ испаҳбад ва марзбони Рай буд ва Ҷиболу Ҷурҷону Табаристон — ин ҳама бад-ӯ дода буд ва ӯро ба Арминия фиристода.

Чун дурмуз шоҳ шуд, ҳамон мулкат ба Баҳром яла карду

бигузошт ба вай. Мардумон гуфтанд:

– Ин ҳарбро ба чуз Баҳроми Шӯбин нашояд.

Ҳурмуз гуфт;

– Имрӯз бозгардад, то ман бингарам.

Дигаррӯз ҳамаро гирд кадр, ҳама номи Баҳром бурданду гуфтанд:

– Ҷуз вай нашояд!....

Ва муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ ҳадиси Баҳроми Шӯбин тамоми нагуфтааст ва ман ба китоби «Ахбори мулуки Ачам» тамом ёфтам ва бигӯям.

Чун дигар рӯз Ҳурмӯз мардумонро гирд карду аз эшон машварат хост, ки ин Ҳарби турк киро шояд? Ҳама Баҳроми Шӯбинро гуфтанд, ки вай марде мубориз аст ва савор (чанговар). Пас марде аз миёнӣ мардумон ба пой хост аз сарҳангони бузургу гуфт:

– Зиндагии малик дароз бод! Малик мар падари маро, Меҳронситоз, шиносад ва хидмати вай донад мар малик Нӯшервонро ва акнун пир шудаасту ба хона андар мондааст ва ба хидмат натавонад омадан, ки аз кор мондааст.

Ҳурмуз гуфт:

– Нек донам, падари туро ва ӯро бар ман ҳак аст, ки вай буд расули Нӯшервон ба ҳокон, малики турк, чадди ман, ки модари маро биёвард суи Нӯшервон.

Гуфто:

– Ман дӯш падарро гуфтам, ки малик Ҳурмуз меҳтаронро гирд кардааст ва касеро ҳамечӯяд, ки пеши сипоҳи туркон шавад. Вай эдун (чунин) гуфт, ки маро андар ин кор илме аст, агар маро бихонад ва бипурсад, ӯро бигӯям.

Ҳурмуз гуфт:

– Ӯро бихонед.

Ӯро бихонданд пеши он ҳама халқ ва заъиф шуда буд ва бар асп натавонист нишастан. Ба миҳаффа (тахти равон) андар ниҳодандаш ва биёварданд ва Ҳурмуз ӯро бир (накӯй) карду бинавохт ва ӯро гуфт:

– Туро бар ман хаққи бисёр аст ва ба саъи ту буд модарн маро ба наздики Нӯшервон овардан ва маҳалли ту бад-он ҷой ҳаст, ки бо ту машварат кунам андар корҳо, ки дар мулқ афтад. Ва ҳамебинӣ, ки холон ва каробатон моро чӣ ранҷа ҳамедоранд. Чун Хоқон бимурд, писараш сипоҳ овард ва андар подшоҳии мо омад ва ҳаққи моро нашинохт ва ҳурмати мо надонист ва аз ҳаққи аширaт (хонадонӣ) ва

хеш даст боз дошт. Акнун моро касе хамебояд, ки бо сипоҳ ба чанги вай фнристем. Чи нлм аст ба наздики ту дар ин боб?

Меҳронситоз гуфт:.

– Зиндагии малик дароз бод! Он рӯз, ки малик Нӯшервон маро ба наздикии Хоқон фиристод, бо ман панчоҳ тан буданд, аз мехтарояу сархакгон. Ва нома кард вайрото хамаи духтарон бар ман арз кунад, то ман яке аз миёни эшон бигузинам. Хоқон, он рӯз, ки ман ба сӯи вай андар шудам, маро пеш хонл, ва маро бирру лутф кард. Дигаррӯз духтаронро биёвард, ороста, он ки аз дигар занон буданд ва он духтар, ки аз хотун буд, уро наёрост, ҳамчунин ба чомаи халак (кӯҳна) биёвардаш, то ба чашми ман хуш наёяд. Ман ӯро дидам, ки бар тахти малик нишаста буд — паҳлавихотун. Ва ин хама духтарон пеши ман ба пой карду маро гуфт:

– Аз инон кадомро хоҳӣ?

Ман духтари хотун, ки модари туст, бигузидам, азеро ки монандаи хотун буд. Пас хотун дид, ки духтари ӯ бигузидам, рӯй турш карду нохуш омадаш. Маро гуфтанд:

Аз ин некӯтар ҳастанд.

Ман гуфтам:

– Агар хочати ман раво хоҳед кардан, ман ин духтарро хохам.

Хоқон хотунро хоҳиш кард, то иҷобат (қабул) кард ба су.пурдани духтараш. Ва он духтар ба Нӯшервон доданд ва ба ман супурдандаш бо хостаи бисёре, ки онро ададу андоза набуд ва ман биёвардам. Ва Хоқонро мунаҷҷиме буд донотарини он замон. Чун хостам, ки биёям, ӯро бихонду гуфт:

– Бингар, кори ин духтар чӣ гуна хохад буд сӯи Нӯшервон, ки ӯро он ҷо ҳамефиристам.

Мунаҷҷим гуфт:

– Уро аз ин духтар писаре ояду бузург шавад ва марде бувад пайвастаабрӯ, на дароз, на кӯтох ва аз паси Нушервон ӯ малики Аҷам бошад. Пас гуфт—Аз Туркистон бар ин маликки аз ин духтар ояд, лашкар ояд бисёр ва андар подшоҳии вай фасод кунанд. Ва он писар, ки аз ин духтар ояд. сипоҳе фнристад бо марде аз бузургони Ачам, аз маликзодагон, номи ӯ Баҳром бошад ва номи падараш ҳам Баҳром бощад. Марде бошад дарозу ба тан хушк ва ба гуна сиёҳчурда ва ба абрӯвон пайзаста ва бо сипоҳе андак ба Туркистон андар ояд ва он си*поҳро бишканад ва охир маргаш ба Туркистон бувад.

Мубадони мӯбад гуфт:

– Эй малик, ин сифат, ки вай кард, сифати Баҳроми Шубнн аст, куҷо номи вай Баҳром ибни Баҳром аст, ки ба суғри (сарҳади) Армания аст аз дасти (ҷониби) малик.

Пас, чун ин ҳадис ҳаме карданд, Мехронситоз ба миҳаффа авдар чон бидод. Ҳурмузро аз он ачаб омад. Мӯбадони мӯбауцро гуфт :

– Ин ҳамчунон аст, ки касеро аз осмон ваҳӣ ояд, ки худои азза ва ҷалла аз чандин гоҳ боз ин мардро зинда ҳамедошт, то ин сухан маро бишнавонид. пас марг додаш.

Пас Ҳурмуз ҳамон рӯз кас фиристоду Баҳромро бихонд. Баҳром андар соат (ҳамон соат) бархосту биёмад. Ҳурмуз ӯро. гиромӣ дошт ва наздик гардонид ва Баҳромро гуфт:

– Бидон, ки ҷадди ман — хоқонро умр ба о&ир расид ва мамлакат ба писараш расид, ҳоли мо. Валекин ҳаққи қаробат нашннохт ва сипоҳ овардаасту Балх гирифта ва моро касе бояд, ки бо сипоҳ аз ин ҷо биравад ва ӯро аз он ҷо бирамонад ва агар чанг бояд кард, ҷанг кунад ва моро дил бар ту афтодааст ва асилӣ ва мардии ту мар хидмати Нӯшервонро, ва асархои некӯи ту андар ин давлат.

Баҳром гуфт:

– Ман раҳии (чокари) маликаму фармонбардор ва шамшереам аз шамшерҳои малик, ҳар кучо фиристад, ҷон фидо кунам.

Ҳурмузро бағоят хуш омад. бифармуд, то ӯро фуруд оваранд ва бифармуд дигаррӯз, ки ҳамон силох, ки рӯзи чанг хоҳӣ пӯшид, бипӯшу бар асп нишину биё. Ва Ҳурмуз ба майдон андар биистод бо сипоҳ. Пас Баҳром биёмад бар асп бо силоҳи тамом, чунонки ба ҷанг раванд. Ҳурмуз бад-ӯ андар нигарист ва он қадду қомат ва болову кӯполи ӯ бидид, биписандидаш ва бо вай басе некӯй кард ва дигаррӯз ӯро бихонду гуфт:

– Дасти ту мутлақ (озод) кардам андар байтулмол ва андар сипоҳ. Он чи хоҳӣ, баргузин ва ҳар шаҳре, ки ту он бикшоӣ, ман он шаҳр туро додам!

Баҳром шод шуд ва аз наздики Ҳурмуз берун омад. Дигаррӯз сипоҳро гирд карду аз ҷумлаи сипоҳ дувоздаҳ ҳаэормард бигузид: мардони муборизи ҷанги, на пиру на ҷавон, миёна, мнкдори чиҳилсола ва сохту силоҳу сутури този ва он чӣ боист, бидодашон. Хабар ба малик бардоштанд, уро гуфт:

— Он душман, ки ту ба ҷанги ӯ меравӣ. сесад ҳазор мард дорад. ту бо дувоздах ҳазор мард чӣ гуна пеши вай шавн?

Баҳром гуфт:

– Эй малик, аз сипоҳи бисер ҷуз гаронӣ чизе дигар набо» шад ва камтарини сипоҳ ҳазор мард асту бештар дувоздаҳ ҳазор мард аст. Ва Рустам бо дувоздаҳ ҳазор мард буд, ки ба чанги Мозандарон шуд ва Исфандиёр бо дувоэдаҳ ҳазор мард буд, ки ба чанги Ҳафтхон шуд ба дижи Руйин.

Ва бисёр кас аз мулукони Ачам баршумурд, ки бо дувоздаҳ ҳазор мард ҷангҳои бузург карда буданд. ки кори ҷанг на ба мард асту сипоҳи бисёр, ба давлат аст. Ҳурмуз гуфт:

– Чаро мардони ҷавон нагузидӣ ва мардони ба зод (син) баромада бигузидӣ?

Баҳром гуфт:

– Зеро кори ҳарб ба ҳамият аст ва чавононро ҳамият набувад ва на хираду на тачрибат ва на расми ҳарб донанду на тадбир донанд кардан ва мардони ба зод баромадаро ҳами,ят бувад ва ҳам тачрибат.

Малик Ҳурмуз ин сухан аз вай биписандид ва бифармуд, то рӯзе ихтиёр карданд, то биравад ва лашкар берун кард. Ва малик Ҳурмузро мунаҷҷиме буд, ҳам мунаҷҷимӣ донистӣ ва ҳам коҳин (ғайбгӯ) будӣ. Уро бифиристод, то ба Баҳром берун ша;вад бо маркабаш ва бингар то вай чӣ кунад ва ту онро чӣ фол кунӣ. Он фолгӯй бо Баҳром берун шуд бар маркаб. Марде пазираи Баҳром омад ба изорею бараҳна, сабаде бар сар ниҳода пур аз сарҳои гӯсфанд. чунон ки осон ҳамебуд бар вай. Баҳром найза аз найзадор бисатаду даст дароз карду аз он сабад ду сари гӯсфанд бисатад ба найза ва найза рост кард, як сар ба сабад афтод ва дигар сар бар найза бимонд. Баҳром ҳамчунон. бо он сар бар найза бирафт. Он фолгӯй боз омлду Ҳурмузро бигуфт ин ҳолро. Ҳурмуз гуфт:

– Ин чӣ бошад?

Гуфт:

Ин ду сар ду малик бошад, ки Баҳром якеро бикушад ва якеро даст боз дорад, то аз вай бигрезад ва ба мулки хеш шавад. Ва бараҳнагии он мард, ки сабад бар сар дошт, он аст, ки Баҳром бар ту берун ояд (ёрӣ шавад) ва андар ту осӣ ищвад (исён куиад).

Малнк Ҳурмуз тофта (хашмгин) шуд ва он шаб нахуфт. Дигаррӯз нома кард, ки маро бо ту сухане буд, хостам, ки бигӯямат, фаромуш шуд. Сипоҳро ҳамон ҷо бидору худ боз ой танҳо, то ин сухан туро бигӯям мушофаҳа (сухани рӯ ба рӯ) ва сабук (зуд) бозгард.

Чун он нома ба Баҳром расид, як манзил рафта буд ва Ҳурмуз

хост, ки касе дигар бифирӣстад ва бар он сипоҳ солор кӣнад ва Баҳромро боз кунад (маъзул кунад). Баҳром ҷавоби нома кард, ки бад-ин кор, ки малик маро фиристод, аз роҳ бозгаштан савоб набувад ва ман нахоҳам, ки малик рӯи ман бннад, то душманони маликро ҳалок накунам. Ва ҳар фармоне, ки ҳаст, ба нома бифармояд, то кор бандам. Ва аз он манзил бархосту бирафт бо силох. Малик Ҳурмуз бад-он кор тофта шуд ва дигар рӯз мӯбадони мӯбадро бихонду ҳадиси он фолу нома фиристодан ва ҷавоби нома боз омадан ӯро бигуфт ва гуфт, ки чӣ кунам, ки кор аз даст рафт? Мубад гуфт:

– Е малик, Баҳромро ҳарис дидам дар кори мулк ва бар тоат доштан ва ба ҳарби душман рафтан. Ва фол рост бошад ва дурӯғ бувад, ӯро боз махон, ки худои таъоло ба нияти ту уро нусрат диҳад бар душманон ва дили ӯ бар Баҳром хуш кард ва Баҳром бирафт аз Ироқ сӯи Аҳвоз шуд. Ба роҳ андар зане пеши вай омад ба манзиле, гуфто:

– Саворе занбиле (сабаде) коҳ аз ман бисирад ва гувоҳ ба пой кард ба он.

Баҳром бифармуд, то он саворро гардан бизаданд ва хабар« он ба Ҳурмуз омад, шод шуд ба доди вай.

Ва он вақт ки Шобашоҳ ба ҳадди Балх андар омад, Ҳурмуз битарсид, ки сипоҳи вай зуд андар ояд ба мамлакат. м!ардеро бифиристод аз бузургони сипоҳ, номи вай Харроди Барзин. Марде буд бо макру дастону фиреб. Ҳурмуз ӯро пеши Шобашоҳ фиристод бо лах»те сипоҳ, ки бирав ва Шобашоҳро ба макру хила хамедор, то лашкар бирасад ва бигӯй ӯро, ки малики Аҷам бо ту сулҳ хоҳад кард ва расул хоҳад фиристод ва хироч бихоҳад пазируфтан, то ӯро ба Балх ҳамедорад ва нагузорад, ки пештар ояд ва бар он мардумон ғоратею фасоде накунад, то Ҳурмуз сипоҳу тадбир рост кунад. Ва ин Харроди Барзин бишуд ва Шобашоҳро бифирефт. Бад-ин баҳона як сол ӯро ба Балх бидошт, то Ҳурмуз сипоҳ рост карду Баҳроми Шӯбинро бо сипоҳ бифиристод. Ва Баҳром ба Балх шуд ва бо рохи рост, валекин аз Аҳвоз ба Табасин шуд ва аз он ҷо ба Кӯҳис-. тон берун шуд ва ба Ҳирот омад ва аз Ҳирот ба Чабалон шуд ва ба ҳудуди Балх берун омад. го Шобашоҳ огоҳ нашавад.

Пас чун малики турк хабари Баҳром шунид, кас фиристод ба Харроди Барзин, ки бо ман макр кардӣ ва маро бифирефтӣ. Ва Харроди Барзин аз лашкаргоҳ бигрехта буду бирафта ва пеши Баҳром омада. Ва Баҳром ба як манзилии Балх аз ин руй фурудомад.

Пасмалики туркамири ҷарасбонро пеш хонд, гуфт:

– Шаву хабари Баҳром ба ман ор, ки бо вай сипоҳ чанд асту кистанд ва бо чӣ силоҳанд ва меҳтарони эшон кадсманд?

Вай бирафт бо даҳ савор. Чун ба наздики лашкари Баҳром расид, Баҳром бо панҷ савор аз лашкари хеш берун омада буд. Ин мард Баҳромро гуфт:

– Кистӣ ту?

Гуфт:

– Ман чокари ин маликам, ки сипоҳ фиристодааст. Маро гуфтаст:

«Бирав ва чангро рост кун». Он мард Баҳромро гуфт:

– Ин сипоҳ чанд бошад?

Гуфт:

– Ҳамоно дувоздаҳ ҳазор мард бошанд.

Гуфт:

– Ин дувоздаҳ ҳазор мард бо ин сесад ҳазор мард ҷанг хоҳанд кард?

Баҳром гуфт:

– Чунин ҳамегӯяд.

Он амири ҷарасбон боз гашту Шобашоҳро огоҳ кард.

Харроди Барзин дигаррӯз пеши Баҳром андар омаду гуфт:

– Эй сипаҳбад, бо ин моя (миқдор) сипаҳ. ки турост, бо ин турк чант макун, ҳам беҳ то ба миён андар сухан гӯям ва сулҳ афганам. Баҳром ӯро гуфт:

– Хомӯш бош, ки забонат бурида бод, ки аз он деҳ, ки тӯй, чуз моҳигирон берун наёянд, туро бо чанг кардан чӣ кор ҳаст? Шаву моҳӣ гир!

Марде дабир буд андар лашкари Баҳром, номи вай Бузурги Дабир ва Баҳром ӯро аз Ҳурмуз бихоста буд. Баҳромро гуфт;

– Шитоб макун ба ҳарби ин душманон.

Баҳром гуфт:

– Хомӯш шав, ки модар аз ту тиҳӣ нишинад! Туро дувиту (давоту) калам ба кор ояд, чанг кардан чӣ донӣ?

Дигаррӯз Шобашоҳ амиреро бифиристод сӯи Баҳрому гуфт:

– Агар ту ба тоати ман дарой, мулки Ачам ба ту диҳам ва туро халифат (чонишин) кунам бар ҳамаи Ачам.

Баҳром гуфт:

– Шав ва ӯро бигӯй, ки хидматгорону бандагони малик аз пеши малик берун наёянд, илло ба фармон.

Боз дигаррӯз марде фиристод ба Баҳром, ки малики Аҷам марде фиристода буд суи ман. номи вай Харроди Барзин ва 'аз як сол боз бар ман буд ва хоҳиш ҳамекард бар он, ки сулҳ ку-, нем, Ту низ сулҳ кун Ё сабр кун, то ман расуле фиристам назди малики Ачам ва бингарам, ки рои ӯ чист.

Баҳром ҷавоб фиристод, ки ӯ бар ту афсӯс (афсун) ҳамедошт ва ман ҳам ҳамдостон (ҳамакида) набошам, ки рӯзи ту ба шаб расад, то сари ту барнагирам ва ба малики Ачам нафиристам. Шобашоҳро хашм омаду бифармуд, то бӯк бизадацд ва сипоҳ бар ҳештан арз кард

ва он рӯз то ба шаб таъбия (омода) ҳамекард ва макоми хар гурӯҳе падидор кард ва азм кард} ки цифдо ҷанг кунад. Ва Баҳром низ он рӯз сипоҳи хешро таъбня кард ва майманаву майсара ва калбу чаноҳи лашкар падид кард.

Пас чун субҳ бидамиду руз наздик омад, Баҳромро хоб бигоифт ҳам бар пушти асп бихуфт. Ба хоб дид, ки бо вай лашкари турк ҷанг кардӣ ва ҳазимат бар Баҳром афтоди, аҳром бедор шуд, рӯз буд, хомӯш шуд ва касро аз он хоб огоҳ накард, то мардумонро дил нашканад. Чун офтоб баромад, сипоҳ баробар шуд ва Баҳром силоҳ фароҳарб бурд ва худ ба тани хеш сӯи ҳар гурӯҳе мешуд ва эшонро ба ҳарб ҳарис ҳамекард ва ҳамегуфт:

– Як имрӯз коре кунед ному нангро ва маро хичил макунед ва хуни хеш ботил макунед, к-аз эдар то хонаи шумо дур аст. Агар бозгардед, кас аз шумо аз шамшери душман иаран ҳад ва боз хона нарасад.

Ва бад-ин гуна суханон ҳамегуфт. Ва сарҳангеро бо понсад савор аз паси сипоҳ андар бидошту гуфт:

– Ҳар кӣ бозгардад ва донӣ, ки бихоҳад гурехтан, ҳам бар чой гарданаш бизан!

Ва малики турк чиҳил ҳазор мард бигузид ва бар тале шуд ва бар тахти заррин нишаст ва он чиҳил ҳазор мардро гирди худ андар бидошт ва дувисту шаст ҳазор мард ба ҷанг фиристод ва сипаҳсолоронро бифармуд, то сипоҳ таъбия карданд ва пеши вай рост биистоданд ва ҳам бар он таъбия ба ҳарб шуданд. Ва бо вай дувист пил буд корзорӣ ва сад шери мардумхор. Шобашоҳ бифармуд, ки пилон ва шеронро пеши саф андар кунед. Ҳамчунин карданд.

Чун Баҳром пилону шеронро пеши саф андар бидид, бифармуд то сипоҳро, ки ҷумла тирборон кунед ва гуфта буд, ки дастҳо бар чашми пилон доред (чашми онҳоро нишона гиред), Эшон тирборон карданд, он пилону шерон баргаштанд аз дарди он тирҳо ва Баҳром нафтандозонро бифармуд, то оташ оа пилон андар заданд. Эшон рӯй бозпас ниҳоданд ва худро ба лашкаргоҳи худ андар афганданд хурӯшон ва микдори сӣ ҳазор мард ба по бикуштанду ба паҳлу, ба нерӯй оташ, ки хамесӯхтанд. Баҳром чун дид, ки таъбиян туркон бишнкаст (бетартиб шуд) ва лашкар аз чой бичунбид, худ бо ҳаман сипоҳ ҳамла карду туркон рӯй ба ҳазимат (гурез) ниҳоданд ва хештан бар Шобашоҳ афганданд. Малики турк чун ҳол чунон дид, асп хсст, ки барнишинад. Рикобдор гуфт:

– Аспи гурехтан ё аспи чанг?

Шобашоҳро ханда омад, гуфт:

– Аспи гурехтан ва аз тахти хеш бар пой хост.

Пас Баҳром ои ҷо расид, ӯро бо тоҷу тахт дид, доннст, ки малик аст, тире ба камон биниҳод ва бар сииан маликп турк зад, аз пушташ берун шуд ва малик аз тахт бияфтод ва сесад ҳазор мард аз снпоҳи туркон ҳазимат шуданд ва бозпас гаштанд ва Баҳром аз паси эшон ҳамерафт ва ҳамегашт, то шаб андар омад. Баҳром ба лашкаргоҳи турк омад ва он моли эшоя баргирифту микдори он моли худой донист ва он ғанимати баурда ба лашкаргоҳи хеш бурд ва он шаб он ҷо бибуд ва дигаррӯз бомдод ҳамаи сипоҳ арз кард, ҳеч кас кам набуд аз сипоҳ магар як сарҳанг, номаш Баҳроми Сиёвушон. Ва ин Баҳром сарҳанге бузург буд ва домоди Баҳроми Шӯбин буд, хоҳарзодаи Баҳроми Шӯбин ба занӣ дошт ва Баҳроми Шӯбин ӯро дӯст доштӣ. Чун ӯро надид» тофта шуд. Пиндошт, ки вай кушта шу-: дааст андар ҳар*бгоҳ. Бифармуд, ки талаб кунедаш миёни кушташудагон. Чун як соат баромад, диданд, ки Баҳроми Сиёвушон ҳамеояд бо турке асир, марде сурхришу гурбачашм ва кӯса. Баҳроми Шӯбин ӯро бидид, шод шуду гуфт:

– Ин асир кист, ки овардӣ?

Гуфт:

– Инро бихостам куштан, гуфто маро пеши малики хеш бар, ки ман илме донам, ки шуморо ба кор ояд.

Баҳром гуфт:

– Чӣ илм донӣ? Биёр, то он илм чист, ки туро аз куштан бираҳонад.

– Ман чодуам ва андар ҳамаи Туркистон аз ман чодутар нест ва чун бо малике бошам, ки ӯро бо душмане ҷанг бошад, ман он душманро ба хоб чунон намоям, ки вай ҳазимат шудаэст ва дар хоб ӯро битарсонам ва аломати ин он аст, ки туродӯш ба хоби субҳгоҳ чунон намуда, ки лашкари ту ба ҳазимат шудӣ.

Баҳроми Шӯбин бо хештан гуфт:

– Худованди хирад сухани вай напазирад ва ба гуфтори вай нангарад.

Пас гуфто:

– Ии на илмест ва туро куштан вочиб аст. Он ки ба хоб намудӣ маро чӣ зиен дошт ва малики туркро чӣ суд дошт?

Бифармуд, то гарданаш бизаданд.

Ва Баҳром як моҳ ба Балх буд ва он ғаниматҳои туркон, ки ёфта буд, он чи ба малик Ҳурмуз хост, фиристод ва он чи бар сипоҳи хеш кисмат боист кардан, чудо биниҳод, то бар эшон қисмат кунад.

Пас Баҳромро хабар омад, ки малики туркро ба Туркистон андар писарест ва сипоҳ гирд ҳамекунад ва он сипоҳ, к-аз эдар бирафтанд, ҳама бар вай гирд омаданд ба чустани хуни малик, тюнсад ҳазор мард ва ҳаме сӯи Баҳром хоҳанд омадан... Пас Баҳром бар чой бнишаст, то писарималикн турк фароз омад бо понсад ҳазор мард. Чун лашкар ба дарн Балх фуруд овард, Баҳром низ лашкари хеш пеши вай берун бурд ва худ бар тале бар шуд ва ба лаигкари туркон нигох кард ва чун фуруд о.чад, сипоҳи хешро гуфт:

– Ин лашкари турконро адад бисёр аст, вале дилашон (часораташон) нест ва аз эшон хеч кор наёяд.

Чун дигаррӯз бибуд аз хар ду қониб 'сипоҳ таъбия карданд» ва Баҳром хамла кард бо сипоҳ ва сипоҳи туркро ҳазимат кард ва рӯй бигардоиидашон ва пнсари малик бо ҳафт хазор савор ва хосагони худ биистод ва ҳарб кард он руз то шаб. Чун шаб шуд, ба наздикии вай хисоре буд, худ бо сипоҳ андар он ҳисоррафту Баҳром бар дари ҳисор биншаст. Дигаррӯз ба Баҳром кас фиристод ва зинҳор (амон) хост ва Баҳром зинҳор додаш бар он шарт, ки, ӯро бо дигар асирон сӯи Ҳурмуз фиристад. Малкки турк гуфт:

– Равост, ки малик Ҳурмуз писари аммаи ман аст ва ман писари холи ваям. Агар ман ҳакки вай нашинохтам, ӯ ҳаккн ман бншнносад.

Пас соҳиббариди (маъмури анбори давлат) лашкари Ҳурмуз бирафту Ҳурмузро хабар гуфт ва номаи Баҳром бнбурду аз он ҳоли вай ӯро огоҳ кард. Ҳурмуз шод шуд, худойро шукр карду марде бифиристод ба Баҳрому гуфт:

– Чунон кун, ки рои туст.

Чун Баҳром пайғоми Ҳурмуз шунид, дитаррӯз малики туркро Оо шаш хазор марди асир аз бузургони туркон пешн Ҳурмуз фиристод ба дасти сарханге номи ӯ Мардоншоҳ, бо ду ҳазору поисад мард ва ҳар чӣ ёфта буд аз ғанимат аз зарру снм ва гавҳӣрхо ва тахти заррин ва тоҷу матоъҳои дигар ва силоххова фаршҳо — ҳамла бифиристод. Ва гурӯҳе гӯянд, ки дувисту панҷох мард аз сархангони бузург асир буданд ва дувисту панҷоҳ уштурвор зар буд гуҳар. Ва чун ин писари малики турк ба наздики Мадоин бирасид, Ҳурмуз барнишасту пеши вай берун омад, аз ҳурмати каробат, ки писари

холаш буд. Чун баробари вай омад, Мардоншоҳ силоҳ фуруд оварду пеши малик замин бӯса дод ва он писари малики турк низ фуруд омад. Уро бипурсид, пас Ҳурмуз барнишаст. Писари малики турк низ хост, ки барнишинад, Мардоншоҳ яла накардаш (иҷозат надодаш)[1] вадаст бигрифту аз пеши малик Ҳурмуз бирафттодари айвон. ГVао Ҳурмуз, ҳар кӣ бо вай буд, фуруд овард ба сарои некӯ ва ачри (подоши) эшон бироид (му^аррар кард) ва чиҳил рӯз идошгашон, то мондатии сафар аз эшон бишуд ва бисёр лутфу, бир (некӯи) кард ва бо вай аҳду мисоҳ кард ва боз сулҳ кар^» ва мулки Туркистон бад-ӯ боз дод ва ӯро хилъатхои некӯ дод? ва салти (инъом) бисёр бахшид ва ба дасти Мардоншоҳ сӯи/Баҳром боз фиристод ва нома кард ба Баҳром, ки ӯро ба некӯй ба Туркистон боз фирист ва ту бош, то бигӯям, ки чӣ кунӣ...

Чун Ҳурмуз писари хоқони туркро ба Мардоншоҳ супурлт го ба Бахроу фиристад, Мардоншоҳ хабар бардошт, ки ин ғанимитаҳо, ки бо мост, кас аз ман бинаситадааст. Малик касеро бифармояд, то аз ман биситонад. Ҳурмуз дигаррӯз ба тахти мулк барнишасту тоҷ бар сар карду мӯбадони мӯбадро бихонд. Ва ӯро вазире буд мехтари вазирон, номи ӯ Яздонбахш, ӯро низ бихонд ва он ҳадяҳо ягон-ягон арза карданд. Ҳурмуз шод шуд ва ба чашм бисёр омадаш. Мардумонро гуфт:

– Чӣ бинед ба кори Баҳром ва ба амонати вай?

Ҳама ӯро бисутуданд. Ин Яздонбахши вазир гуфт:

—Е малик, ин на бисёр аст, ин як навола аст аз он, ки Баҳром гирифтааст ва он суре бувад, ки Баҳром ёфтааст. Бингар, ки он сур чӣ будааст, ки як наволаи вай чандин аст.

Ҳурмузро ин сухан дар дил афтод ва бар Баҳром хашм гирифт ва ӯро ба дасти Мардоншоҳ ғулле (гарданбанд) фиристод ва дукдоне (чарха) бо духу пунба (пахта) ва нома навишт, ки хиёнат кардӣ ва сӯи ман аз хостаҳо он фиристодӣ, ки азту беш омад (аз даркор зиёд) ва неъмати маро носипосӣ кардӣ. Ин ғул, ки фиристодам, бар гардан неҳ уқубати хиёнатро ва иқ вук бирес, чунонки занон, ки носипосии неъмат аз кори занон бувад ва ту аз эшон батарӣ.

Чун расул назди Баҳром расид, нома бархонд. Дигаррӯз биншасту ғул бар гардан ниҳод ва дукдону пунба пеши хеш бинҳод ва хамаи сипоҳро бор дод. Чун аидар омаданд, ӯро гуфтанд:

– Ин чист?

Гуфт:

– Ин дуку пунба подоши он аст, ки ман кардам ба ҷои Ҳурмуз ва маро хилъат фиристодааст. Хостам, то шумо бубинед ва маро паём чунину чунин фиристодааст. Он сипоҳро бар Ҳурмуз дилҳо табоҳ шуд, гуфтанд:

-Агар подоши ту чунин аст, моро низ чунин диҳад ва агар кирдори туро нашинохт, азони мо низ ҳам нашиноеад ва мо ач маликпи вай безорем.

Баҳром гуфт:

– Чунин магӯед, ки ӯро андар гуноҳ нест, инро он вазир кардааст, номи вай Яздонбахш ва маро ҳасад (рашк) кардааст. Шуморо аз ин зиён надорад.

Ҳама бигуфтанд:

– Аз Ҳурмуз безорем ва ҳам аз вазири ӯ. Ва агар ту бо. мо мусоид набошӣ, аз ту низ безор шавем.

Баҳром бо эшон мусоид шуд ва ҳама Ҳурмузро мухолиф шуданд. Баҳром бифармуд, то дувоздаҳ ҳазор корд гирд карданд ва ҳамаи кордхоро сархо каж карданд ва онро ҳама сӯи Ҳурмуз фиристод, то вай бидонад он дувоздаҳ ҳазор марди корзорӣ ки он ҷоанд, ҳама баргаштанд ва туро мухолиф шуданд.

Пас чун он кордҳо ба Ҳурмуз расид, бифармуд, то ҳамаро бишкастанд ва боз ҳама ба Баҳром фиристоданд. Баҳром сипоҳро эдун гуфт, ки ҳамегӯяд шуморо сарҳо бибурам, чунон ки ин кордҳо бишкастам. Эшон ҳама ҳашмгин шуданд ва ҳашми эшон бар Ҳурмуз бештар шуду сахттар.

Пас рӯзе Баҳром ба шикор берун омад, Харроди Барзину бузургдабиру чамоате аз ёрон бо вай буданд. Баҳром аз паси гӯрхаре битохт. Он гӯрхар ба марғзоре андар шуд. бузурщдабиру ёрон аз паси вай андар шуданд. Ва чун марғзор сипарӣ шуд, яке водӣ пеш омад андар ӯ бӯстонҳои бисёр ва обҳои равону кӯшкҳо. Аз дур яке кӯшки бузург падид омад, Баҳром битохту бад-он дар кӯшк шуд бо ёрон ва фуруд омаданд ва Баҳром андар рафту эшонро гуфт:

– Шумо як замон бар дар мебошед, то ман андар шавам.

Ва аспи хеш эшонро доду эшон бар дари он кӯшк биншастанд ва Баҳром ба кӯшк андар шуд. Замоне буд, ғуломе аз он кӯшк берун омад ва асбони эшон бисатаду алаф додашон ва боз берун омаду таом овардашон. Чун таом бихӯрданд, шароб, оварду шароб бихӯрданд. Замоне дер бар омад, Баҳром берун наёмад. Мардоншоҳ ба кӯшк андар шуд, Баҳромро дид бо какизаке нишаста, ки ҳаргиз то

Мардоншоҳ буд, аз он некӯтар ыадида буд, на озоду на банда ва бо вай ҳадис ҳамекард. Баҳром ӯро гуфт:

– Биншин, то ман берун оям.

Мардоншоҳ ба чой боз омаду биншаст. Замоне буд, Баҳром беуун омад ва он канизак, то дари кӯшк бо вай берун омад ва хамги ёрон ӯро бидиданд ва Баҳром барнишасту он канизак ба кӯшк андар шуд. Пас дигаррӯз Харроди Барзин ва бузургдабир ҳарду аз назди Баҳром бигрехтанд ва сӯи Ҳурмуз омаданд ва қиссаи он канизак ӯро бигуфтанд.

Ҳурмуз мӯбадони мӯбадро бихонду гуфт:

– Он чист?

Гуфт:

– Он канизак аз париён аст ва бар Баҳром ошиқ аст ва ҳар кучо Баҳром бо сипоҳ биистад пеши сафи душман, он каяизак бо ёрони хеш биистад ва он душмани Баҳром ҳазимат луиад (шикаст хӯрад).

Ва Ҳурмузро писаре буд, номи ӯ Парвиз. Уро валиахд карда буд ва мулк аз паси хеш бад-ӯ дода буд. Баҳром бо он сияоҳ, ки бо вай буданд, аз Ҳурмуз безор шуданд ва ӯро ба Балх андар халаъ карданд. Ва Баҳром сипоҳ баргирифт аз Балху ба Рай омад ва Ҳурмуз тадбири он кард, ки Парвизро бо сипоҳи бисёр ба ҳарби Баҳром фиристад. Бифармуд ҳамаи сипоҳрото даъвӣ карданду хабар афганданд, ки моро малик Парвиз аст ва аз Ҳурмуз безорем. Ва мардеро бифармуд аз сарҳаагонн бузург, ки сипоҳ ӯро нашииохтанд, ғариб, то еӯи Баҳром омад, ки ман расули Парвизам ва туро эдун ҳамефармояд, ки маро байат (паймон) кун бо ҳамаи сипоҳ, ки 'бо туанд ва халаъ кун. Ва Парвиз худ аз ин огоҳ набуд. Ҳар рӯзе, ба вақти, бор додан бар дари Баҳром хосу ом бонг кардандӣ, ки куҷост[4] расули кисро — Парвиз? Аспи вай биёред! Ва бифармуд, то ба Рай андар сад ҳазор дирам бизаданд ва Парвизро нақш бар онҳо карданд. Ва ба вақти мулуки Ачам чунон расм будӣ, ки бар ҳарду руи дирам маликро нақш кардандӣ, чунонки акнун бар рӯи дирам номи малик нависанду номи худой ва дигар сӯй номи халифа ва амири он шаҳр. Ба вақти мулуки Аҷам ҳарду сӯи лирам маликро нигошта буданд: аз як сӯй малик бар тахт яишлста ваточ бар сар ниҳода ва аз як сӯй малик бар асп нишаста ва найза ба даст гирифта. Пас сад хазор дирам бизад, ҳама бар накши Парвиз ва ӯро бар ҳар ду сӯй нигошта ва бозаргононро бифармуд, то ба Мадоин баранд ба шаҳри Ҳурмуз.

Чун мардум он дирам бидиданд на ба накши Ҳурмуз, ки ба пайкари Парвиз буд, хабар ба Ҳурмуз бурданд. Бозаргононро бихонду гуфт:

– Ин аз куҷо овардаед?

Гуфтанд:

– Аз Рай овардем ва ин дирам Баҳром хамезанад ба Рай андар ва хамегӯяд, ки ин маро кисро фармудааст, яъне Парвиз.

Ҳурмуз гуфто:

– Шуморо дар ин гунохе нест, биравед.

Пас Парвизро бихонду гуфт:

– Ту дар зиндагонии ман андар мулк тамаъ кунӣ ва ба Бохром кас ҳамефиристӣ, то ба нақши ту дирам ҳамезанаду туро даъвӣ хамекунад ба маликӣ?

Парвиз заминро бӯса доду гуфт:

– Ё малик, ин макру дастони Баҳром аст ва Баҳром марди маккору пурфиреб аст. Ҳамехоҳад, ки маро бар дили малик сард кунад ва ману туро душман созад.

Ҳурмуз гуфт:

– Шояд будан.

Ва Парвизро устувор надошт (бовар накард). Ва Парвиз аз падар битарсид ва ба шаб андар бигрехту бирафт ва сӯи Озарбойгон шуд. Хабар ба Ҳурмуз бардоштанд, ки Парвиз бигрехт. Ва Парвизро ду хол (тағо) буд. Ҳурмуз эшонро ҳарду бнгирифту ба зиндон карду гуфт:

– Шумо кардед, то Парвизро дил бар ман табоқ шуда. Акнун маро гӯед, ки вай куҷост?

Гуфтанд, ки мо надонем, ки ӯ кучост. Ва Парвиз ба Озарбойгон расида буд ва ба Озаргушасп (оташкадаи маъруф) андар шуда буд ва ибодат қамекард ва ҳеч кас Парвизро нашинохт, ки вай писари Ҳурмуз аст.

Ва Баҳром чун бишнид, ки Парвиз бигрехт, донист, ки ҳилати вай кор кард. Ва Баҳром аз Парвиз ҳаметарсид, ки бо вай ҳарб кунад ва донист, ки сипоҳ ҳавои вай кунанду қарб накунанд, ки Баҳром сипоҳро гуфта буд, ки вилоят Парвизрост. Ва чун Парвиз бигреҳт, эмин шуду сипоҳро гирд карду гуфт:

– Ҳурмуз чун донист, ки мо ӯро мухолиф шудем ва Парвизро шоҳӣ пазируфтем, ӯро бикушт.

Ин сипоҳ бар Ҳурмуз табоҳ шуданд. Пас Баҳромро гуфтанд:

– Чӣ мебинӣ?

Гуфто:

– Мо биравему бо Ҳурмуз ҳарб кунем ва ӯро бикушем ва ӯро пнсаре аст хурд, Шаҳриёр ном, ӯро ба мулк биншонем.

Ҳамаи сипоҳ Баҳромро гуфтанд:

– Савоб ин аст, ки ту гуфтӣ.

Баҳром сипоҳ аз Рай баргирифту рӯй ба Мадоин ниҳод сӯи Ҳурмуз. Чун Ҳурмуз хабар бишнид, тофта шуду донист, ки хато кард андар кори Баҳром ва шитобзадавӣ кард. Сипоҳро ва раиятро ва мӯбадонро гирд карду гуфт:

– Баҳром омад бо сипоҳ бар мухолифи мо, чӣ бинеду чи гӯед?

Мардон ҳама хомӯш шуданд. Мӯбадони мӯбад гуфт:

– Малик андар ин чӣ бинад?

Гуфт:

– Ман донам, ки андар кори Баҳром шитоб кардам ва хатс кардам ва подоши вай он набуд. ки ман кардам. Гӯш ба сухани Яздонбахш кардам, ки вай он рӯз, ки ин ғаниматҳо арз карданд, дили ман бар вай табоқ кард. Акнун эдун бинам, ки Яздонбахшро назди Баҳром фиристаму гӯям:

– Ин буд, ки дили ман бар ту табоҳ кард ва инак сӯи ту фиристам. Хохӣ, куш ва хоҳӣ, афв кун ва Баҳром марде карнм аст. Чун Яздон-бахшро бинад, ки аз вай узр хоҳад, ӯро авф кунад ва узраш бипазирад. Ва чун паёми ман бад-ӯ расад, ба тоат боз ояд.

Мӯбадони мӯбад гуфт:

– Некӯ тадбирест.

Ҳама биписандиданд он ройро ва Ҳурмуз ба Яздонбахш кас фиристоду бихондаш ҳам бад-он маҷлис андар ва ин сухан ба вай арза кард. Яздонбахш гуфт:

– Зиндагонии малик дароз бод, ҷони ман фидоӣ аст, ман бираваму сипос дорам. Агар Баҳром аз ман хушнуд шавад, худ корам некӯ шавад ва агар уқубат кунаду маро бикушад ва ба чони ман кори малик некӯ шавад, чону хуни ман фидои малик бод.

Ҳурмуз аз вай шукр кард ва уро бисутуд ва бифармудаш, ки бисоз (омода шав), то биравӣ бе он ки касе бо вай бувад, ҷуз номаи малик. Яздокбахш берун омаду сози сафар рост кард. Ва писари амме (амаке) буд аз он ки вай, ба зиндони малик андар буд ба гуноҳе, Чун он мард ба зиндон андар ин хабар бишнид, ки Яздонбахш ҳамеравад, руқъае набишт бад-ӯ аз зиндонӯ ки ту ҳаме биравию дили

ман бо ту бимонад ва туро ҳеч хеш аз ман наздиктар несту зи ман ҳактар нест. Маро аз малик бихох то бо ту бадин сафар раваму ба маргу зиндагонӣ бо ту бошам. Яздонбахш ба малик Ҳурмуз руқъа набншту ӯро бихост. Ҳурмуз он мардро бад-ӯ бахшид. Пас он мард бо вай бирафт. Чун ба Хамадон расиданду фуруд омаданд, хабар ба Баҳром расид ва Баҳром бар дари Рай лашкаргоҳ зада буд, шод шуду нияти он кард. ки узри вай бипазирад ва ӯро хоста диҳад ва бо[1] Ҳурмуз сулҳ кунад.

Пас ин Яздонбахш ба сарой фуруд омад, худованди саройро гуфт:

– Бар ин шаҳри шумо ҳеч коҳин (ғайбгӯй) ҳаст ё ҳеч парпгрифта, ки ӯро бихонед?

Гуфто:

– Зане ҳаст парнгирифта (паридор).

Он зан биёварданд. Яздонбахш бо вай биншаст, ӯро бипурсид, ки кори ман андар охири ин сафар чӣ бошад ва он малик, ки назди ӯ ҳамешавам, бо ман чӣ муомилат кунад?

Зан гуфт:

– Аз он малик чӣ тарсӣ, ки ту халоки хеш бо худ хамебарӣ.

Чун и зан. дар ин ҳадис буд, он писари ам дари сарой бо» кзрду андар омад. Он зан нарм-нарм гуфт:

– Ҳалокн ту ба дасти нн бошад, чунон ки вай нашунид.

Ва Яздонбахшро мавлуд (толеъ) гирифта буданд мунаҷҷимон ва ҳукм карда, ки ҳалоки ту бар сухане бувад, ки аз забони ту барояд ба маҷлиси малик андар ва куштани ту бар дасти писари амми ту бувад. Чун ин зан ин суха» бигуфт, ӯро аз сухани мунаҷҷимон ёд омад. Ин занро гуфт: «Рост мегӯӣ» ва зан бархосту берун шуд ва писари аммаш бинишаст. Яздонбахш гуфт:

– Маро бо малик Ҳурмуз сухане афтодааст, ки ба чуз ману вай кас набояд, ки донад ва маро назди вай нома бояд набиштан андар он (роҷеъ ба он) ва ҳеҷ каси сиҳат (каси мӯътамад) надорам, ки он нома бибарад ҷуз ту ва ту бад-он омадӣ бо манн, ки ба тани хеш муованат (кумак) кунӣ чун маро ҳочате афтад. Бояд, ки ин н.ома ту бибарӣ ва ба дасти хеш маликро диҳӣ ва ҷавоб боз орию ба ман диҳӣ, чунонки Баҳром щдонад. Агар ту биёию ман зинда бошам, ҳаққи ту бигзорам.

Писари ам гуфт: «Фармонбардорам» ва дигаррӯз бисохт рафтанро ва Яздонбахш суи малик Ҳурмуз нома кард, ки ин мард, к-

аз малик бихостам, инак, боз фиристодам, бояд, ки малик бифармояд, то ӯро_ ҳам дар замон, бикушанд, ки вай куштанро шояд. Номаро мӯҳр кард ва он писари амро дод. Ӯ нома бисатад ва аз пеши вай берун омад. Чун аз сарой берун омад, бо дил бияндешиду гуфт:

– Пеши Ҳурмуз чи гуна нома барам ва чи донам, ки ҳолу кори ҷаҳон чӣ гуна бошад?

Номаро боз карду бихонд, хашм омадаш, бозгашту ба хона андар омад ва шамшер баркашиду пеши Яздонбахш омад. Яздонбахш чун ӯро бидид, гуфт:

– Ё писари ам, шитоб накун бар ин, то бо ту яке сухан бигӯям.

Ба сухани ӯ нангаристу шамшер бизаду ӯро бикушт ва бирафту сӯи Баҳром шуд ба Рай ва сари Яздонбахш пеши вай бняфганду гуфт:

– Ин сари Яздонбахш аст, он фосик, ки дили Ҳурмуз бар: ту табоҳ кард ва акнун биёмаду хост, ки туро бифиребаду ҳалок кунад ва ман сараш ба наздики ту овардам.

Баҳромро сахт андӯҳ омад ва тадбири сулҳ боз афганд (даст кашид) ва гуфт:

– Эй фосиқ, ин ту будӣ» ки вазиреро бо он фазл бикуштӣ, ки аз малике чокаре ҳамеомад ба сулҳ ва ҳамеомад, ки узр хохад.

Пас чун хабари Яздонбахш ба Мадоин омад, ҳамаи вазирону дабирон ва сарҳангону мӯбадон ғамгин шуданд, аз он ки вай бар ҳама касон меҳтар буд ва аз ҳама касон донотар буду бузургвортар. Ва ҳама Ҳурмузро маломат карданду гуфтанд: «Ба як сухан, ки вай бигуфт аз наснҳат, чӣ бонст ӯро ба наздики душман фиристодан, то ба роҳ андар ӯро табоҳ карданд ва кушта шуд бар дасти саге. Пас ҳама тадбир карданд меҳтарон ва бо якдигар гуфтанд. ки то кай бувад бар мо балои ин туркбача (Ҳурмуз) ва хун реҳтани ӯ! Ва ҳаммаробар вайдилҳо бад шуда буд. Ва Бандуй ва Бистоми холони Парвиз, ки дар зиндон боз дошта буданд, ин хабар бишнуданд. Бандуй суи меҳтарони лашкар кас фиристод, ки то кай балои вай кашед?^Уро аз мулк боз (дур) кунед ва пнсараш Парвизро аз Озарбойгон биёред ва ба подшоҳӣ биншонед ва мо харду шуморо фармонц бардорем ва пазируфторем аз Парвиз ба ҳама некуию дод кардан. Пас мардумонро ин сухан хуш омад ва ачобат карданд ва рӯзе миод бинҳоданд, ки гирд оянд. Пас чун рӯзи миод бибуд, хамаи сипоҳ гирд омаданду дури зиндон бишкастанд ва Бандую Бистомро берун

оварданд ва аз он ҷо ва ҳамчунон бирафтанд ва ба сӯи Ҳурмуз андар шуданд ва точ аз сари вай баогирифтанд ва ӯро аз тахт нагуп карданд ва харду чашмаш кӯр карданд ва дигаррӯз точ ба дасти Бандуй сӯи Парвиз фиристоданд ба Озарбойгон ба оташкадаи бузург ва ӯро ба мулк боз хонданд ва Парвиз ба оташхона ибодат ҳамекард. Бандуй андар омаду точ бар сари вай ниҳод ва мардумон огоҳ шуданд ба Озарбойгон ва ҳамаи халқ бар дари Парвиз омаданд ва салом карданду замин бӯса доданд. Дигаррӯз Бандӯй ӯро барглрифту ба Мадоин бурд ва ба подшоҳӣ биншонд...

Чун Парвиз ба мулк биншасту точ бар сар ниҳод, халк бар> вай сано карданд. Вай эшонро ба ҳурмат ҷавоб дод ва некӯӣ гуфту хутба карда ва бад-он, умедвор карду пароганданд. Ва Парвиз аз тахт фуруд омаду назди падар шуд пиёда ва Ҳурмузро замин бӯса доду бисёр бигрист, бад-он ки ба вай расид ва савганд хӯрд. ки ман аз он ҳадисхо, ки бар ту доштанд ва аз он дирамхо, ки Баҳром зада буд, огоҳ набудаму надонистам ва нафармудам ва он Баҳром карду хост, ки маро аз ту бибурад (чудо кунад). Ва ин кор, ки ин мардумон карданд, ман написандидаму нахостам. Валекин агар ин мулк напазируфтаме аз ин хонадон берун бурдандӣ ва зи фарзандони ту бишудӣ. Пас Ҳурмуз узри вай бипазируфту гуфт:

– Донистам, ки аз ин кор, ки Баҳром кард, хабар надоштӣ ва ин бадӣ, ки мардумон бо ман карданд, написандӣ ва нек овардӣ (кардӣ), ки мулк бипазируфтӣ ва ман бо ту тадбир ҳамекунам ба мулк андар. Валекнн хочати ман ба ту он аст, ки ин мардумон, ки маро аз тахт нагунсор карданд ва ҳақки ман нашнохтанду чашми ман кӯр карданд, доди ман аз тану чони эшон бистонӣ. Парвиз гуфт: «Фармонбардорам. валекин бо эшон шитоб натавонам кардан, ки мардумон аз ман нуфур шаванд ва душмане чун Баҳром ба наздики ман асту тамаъ кардааст ба мамлакат. Пас бояд то як раҳ кори ман бо вай некӯ шавад ва ман аз вай эмин шавам, пас доди ту биситонам. Ҳурмузро дил хуш шуд ва ӯро шукр кард.

Ва хабар ба Баҳром шуд, ки мардумон Ҳурмузро чашм кӯр карданду мулк ба Парвиз доданд. Ва Баҳром дил бар он ниҳода буд, ки бо Ҳурмуз сулҳ баргирифт. Пас Баҳром бо Парвиз дил бад кард ва тӯҳмат кард Парвизро бад-ин бадӣ, ки бо Ҳурмуз карданд ва ният кард, ки бо Парвиз ҳарб кунад ва мулк аз вай биситонад ва ба Ҳурмуз диҳад ва худ пеши Ҳурмуз бнистад. Ва сипоҳ гирд карду хабари Ҳурмуз бигуфт эшонро, ки бар вай чӣ расад. Мардумонро дил бисӯхт

ва бигристандБаҳром низ бигристу гуфт:

– Эй мардумон. агар Ҳурмуз бо мо бад кард, ба аввал некӯй кардэ буд, ки моро аз дари хеш бочандон хоста гӯсӣ (гусел) кард ва он бад на аз Ҳурмуз буд, ки аз Яздонбахш буд. Пас ба охир вайро сӯи мо фиристод ба узр ва ҳаққи вай бо мо бисёр аст, Бояд, ки мо бишааем (биравем) ва бо Парвиз ҳарб кунем, ки ситамкор аст ва ин ҳама вай сохт, то малик Ҳурмуэ ро чунин афтод. Мо бо вай харб кунем ва мулк аз вай биситонем ва боз ба Ҳурмуз диҳем. Мардумон гуфтанд: «Фармон туроcт ва савоб он аст, ки ту дидаию дониста» ва ҳама бо вай. байъат карданд ва сохта карданд (омода шуданд). Ва Баҳром сипоҳ аз дари Рай баргирифту рӯй ба Мадоин ниҳод.

Пас хабар ба Парвиз расид, ки Баҳром омад. валекин Ҳур'муз талаб хамекунад ва мулк ба Ҳурмуз боз хохад дод. Парч виз сипоҳ гирд карду пеши Баҳром боз шуд. Ва Баҳром ба а^;бан Ҳулвон гирд омаданд ва ҳар касе лашкаргохе гнрд омаданд. Дигаррӯз Парвиз танҳо аз сипоҳи худ чудо шуду сӯи лашкаргоҳи Баҳром омад бо Бандуй ва Бистом ва баробари лашкаргох биистоду овоз кард, ки Баҳромро бигӯед, то танхо берун оял, то бо вай сухан кунам. Баҳром бар асп берун омад бо силох ва Мардоншоҳ бо вай буд ва Баҳроми Сиёвӯшон ва харду баробари якдигар биистоданд, Парвиз гуфт:

– Ё Баҳром, ё испаҳбади Хуросон ва солори лашкарҳои маликон! — ман донам, ки туро бо ман чӣ дӯстӣ аст ва донам, ки туро андар ин хонадон чӣ ранҷ аст ва Ҳурмуз қакки туро нашинохт, то худой ӯро бодафроҳ (подош) карду мулк аз вай бигардонид. Ва агар ту ба тахти ман ои, туро ба мартабаи бародарон бирасонам ва ҳаққи ту бишиносам,

Баҳром гуфт:

– Ту кистӣ, ки маро ба мартабаи бузург бирасонӣ?

Гуфт:

– Ман кисро, писари Ҳурмузам.

Гуфт:

– Дурӯғ хамегӯй, ки агар ту писари Ҳурмуз будӣ. бар падар он наяндешидӣ ва мардумонро барнагумоштӣ, то ӯро бар чашм доғ ниҳоданд ва зи тахт нагунсор карданду кӯр сохтанд ва мулк худ нагирифтӣ. Ҳаргиз писар бо падар ин муомилат накунад, ки ту кардӣ.

Парвизро хашм омаду гуфт:

– Эй фосиқ ту бад-ин сухан бахона ҳамечӯй, ки мулкат талаб ҳамекунӣ! Чаро аввал аз тоати вай берун омади, то кори вай бад-ин

анҷомид? Ва ин ҳама ту карди ва ҳамаи мардумон донанд ва худой донад, ки ман накардам ва наянещидам. Акнун бигӯй. ки ту чи хоҳӣ кардан?

Баҳром гуфт:

– Ман доди Ҳурмуз аз ту биситонам ва зи Бандую зи Бистом ва зи он касон, ки бо Ҳурмуз ситам карданд ва мулк ба Ҳурмуз боз диҳам, ки ҳаққи вай аст ва худ пеши вай биистам.

Парвиз гуфт!

– Эй дурӯғзани фосиқ, туро ба ин мулк додану ситадан чц кор аст ва ту аҳли малик чӣ бошӣ? Ва ин ҳама шафкати ту бар Ҳурмуз то кунун, кучо будӣ, ки андар вай осӣ шуда будӣ ва даст аз тоати вай бирехтӣ (бикашидӣ)?

Баҳром гуфт:

– Аз баҳри ту буд, ки мар ӯро осӣ шудам, ки мавоид (ваъдаҳо) кардӣ ва уро аз ман бад туфтӣ ва нагузоштӣ, то ҳаққи ман бишинохтӣ. Ман акнун ҳакки вай бидонистам ва ситами туро аз вай бардорам ва мулк аз ту биситонам ва бад-ӯ боз дихам.

Парвиз гуфт!

– Ё фосиқ, як сухани ту рост нест, илло ҳама макру дурӯғу фиреб, бад-ин ҳилату дониш мамлакат ҳамеҷӯй, эй фосиқ, локаромату лак (каромату озодавӣ надорӣ).

Ва бар ин сухан бозгаштанд аз якдигар.

Пас чун рӯзи дигар буд, ҳарду сипоҳ ба як чой баробар омаданд. Баҳром аз сипоҳи хеш берун омаду наздики снпоҳи Парвиз омаду гуфт:

– Шарм надоред, ё сарҳангони Ачам ва аз худой натарсед, ки малики хешро — Ҳурмуз бо он некӯсиратӣ, ки буд ва бо дод ӯро аз тахт фуруд овардед ва мулк аз вай бистадед ва хештанро ҳама расво кардед ба ҳамаи Ачам андар, то ҳамаи халқи чахон бар шумо лаънаг ҳамекунанд? Ва ҳаргиз пеш аз Шумо кас аз раияту сипоҳ ба малики хеш ин накарда буд, ки шумо кардед. Акнун ман аз худой нусрат хоҳам.

Ҳамаи лашкар гуфтанд:

– Рост хамегӯяд Баҳром, ки ин кор, ки мо кардем, ҳаргиз кас накунад.

Пас лашкари Парвиз рӯй баргардониданду ба хашм бишуданд. Паовиз мутаҳайир бимонд бо даҳ тану ду холи хеш. Пас Харроди Барзин ба бузургдабир ӯро гуфтанд:

– Ё малик, чӣ корро мондӣ (чӣ кор мекунӣ). ту бо ин ҳама сипоҳ харб нотавонӣ кардан ва ҳамебинӣ, ки сипоҳ аз ту бишуд. Боз гард!

Парвиз боз гашту рӯй ба Мадоин ниҳод ва Баҳром аз паси ӯ андар тохт. Парвиз рӯй бозпас кард, Баҳромро дид, к-аз паси вай ҳамеояд. Парвиз тире бар камон ниход ва Баҳром бо силохи тамом буд. Гуфт:

– Агар ин тир бар Баҳром занам, ҳеҷ кор накунад.

Бингарист синагоҳи аспаш кушода дил. Камон бикашиду тир бар синаи аспаш зад. Асп нагун бознишаст. Баҳром аз асп чудо шуду бо вай чанибат (аспи этак) набуд. Биистод, то аспи чанибат фар расид. Парвиз аз Баҳром миёна кард (фосилагирифт) ва Баҳром бонг ҳамекард, ки ё бинамоям туро!

Ва Парвиз ба Мадоин андар омад ва падарро гуфт:

– Ҳамаи сипоҳ сӯи Баҳром шуд ва ман танҳо бимондам бо даҳ тан, чора наёфтам аз бозгаштан.

Ва нагуфт, ки Баҳром туро ба мамлакат бихоҳад нишонд. Пас гуфт:

– Ё падар, акнун кучо шавам, то маро нусрат (ёрӣ) кунанд? Сӯи Нӯмон шавам ё на.

Падар гуфт:

– Сипоҳи араб дарвеш аст ва Нӯъмонро хоста нест, ки ба ту диҳад ва ба ёрони ту ва эшон duздонанд ва аз мулк наандешанд. Сӯи қайсар шав, малики Рум, ки бо вай хам сипоҳ асту ҳам хоста ва ҳам силоҳ ва ӯ туро ёрӣ кунаду мулк ба ту боз дихад ва маро бо вай дӯстӣ аст, ки ман мулки Шом ба вай боэ> додам ва бо вай сулҳ кардам, хакки ту бишиносад.

Парвиз падарро падруд карду берун омада ва холонро гуфт:

– Рӯй сӯи қаср ниҳед, ки падар чунин фармуд ва бирафт. Холони ӯ ва он даҳ тан бирафтанд. Чун лахте аз Мадоин бнрафтанд, холонаш биистоданду бо хеигган гуфтанд:

– Ин на тадбире аст, ки мо кардем. Акнун Баҳром ба Мадоин андар ояд ва Ҳурмузро ба подшоҳӣ бинишонад ва худ кор бигирад ва ба талаби мо кас фиристад ва моро бигирад ва агар наёяд, Ҳурмуз ба қайсар кас фиристаду моро он ҷо фурӯ гиранд (асир гиранд). Савоб он аст, ки мо Ҳурмузро аз пушти замин гум кунем (бикушем).

Эшон Парвизро гуфтанд:.

– Ту бирав, ки мо ба шаҳр боз хоҳем шудан, то коре бисозему

ончи бояд кардан, бикунем ва аёлонро падруд кунем ва зи паси шумо биёем ва натуфтанд, ки мо чӣ хоҳем кардан.

Парвиз пиндошт, ки эшон аз вай боз ҳамеистанд ва сӯи Баҳром хоҳанд шудан. Асп биронду бирафт бо он даҳ тан ва дилаш аз холон озурда шуд. Ва эшон ҳарду бозгаштанду ба шаҳр андар омаданд ва ба кӯшк (қаср) андар шуданд. Занону канизаконро бидиданд машғул шуда ба гиристан аз баҳри рафтани Парвиз ва ҳар кас шуғли дигар, Пас эшон гуфтанд:

– Моро бо малик ҳадисе аст танҳо ва паеме овардем аз Парвиз.

Андар шуданд( дохил шуданд) ва кас ба сарой андар аз зсрӣ ва мусибати Парвиз бад-эшон напардохт (таваҷҷуҳ накард) ва Ҳурмузро дастхо бубастанд ва аммома ба гарданеш андар афганданд ва хаба (хафа) кардандаш ва берун омаданду барнишастанд ва зи паси Првиз бирафтанд ва ӯро андар. ёфтанд. Парвиз шод шуд ва эшон ӯро гуфтанд:

– Мо аз хона нафакот (тӯша) баргирифтем ва аёлонро падруд кардем.

Пас ба шитоб бирафтанд ба тахт ва Парвиз бирафт бо ёрон, то ба се рӯз аз Ироқ берун шуданд ва рӯзу шаб хаметохтанд, то ба сархадди Шом бирасиданд, порае (андаке) эминтар шудаы1. Парвиз аз дур савмиаи роҳибе дид, он ҷо шуд ва бо ёрон, фуруд омад, роҳиб эшонро нашинохт. Нони хушк оварданд, эшон он нон ба об тар карданду бихӯрданд ва Парвизро хоб гирифтки се рӯз буд то нахуфта буд. Сар бар канори Бан дуй ниходу бихуфт ва хар касе бихуфтанд.

Ва Баҳроми Шӯбин ба Мадоин андар омад. Чун бишнид, ки Ҳурмузро куштанд, тадбир бар вай табоҳ шуд ва бипурсид, ки Парвиз аз кадом сӯй бишуд, гуфтанд: «Сӯи Шом ба Рум рафт наздики кайсар» Ва вилояти Баҳроми Шӯбин ба Мадоин андар як сол буд. Пас Баҳроми Шӯбин Баҳроми Сиёвушонро бихонду чахор хазор мард ба вай доду гуфт:

– Аз паси Парвиз бирав, бад-ин асбоб осуда ба тохтан, ҳар кучо ӯро биёбӣ, бо ёрон боз гардон.

Ва Парвиз бо ёрон ба савмиаи роҳиб андар хуфта буд. Оа рохиб бонг кард, ки чӣ хуспед ки сипоҳ омад! Гуфтанд:

– Кучост?

Гуфт:

– Ба ду фарсангӣ ҳамебинам.

Эшон хама бар чой ба дасту пой бимурданд ва донистанд, ки ба

талаби эшон омаданд, дил ба марг бинҳоданд.

Парвиз гуфто:

– Чӣ кунем? Машварат кунед, ки худованди аклро чун мутахайир шавад. ҳарчанд коре бузург бар вай ояд, ночор акл бо вай аст.

Бандуй гуфт:

– Ман яке ҳилат тавонам кардан, ки туро бираҳонам, валекин худ андар монам ва кушта шавам.

Парвиз гуфт!

– Ё хол бувад, ки кушта нашавӣ, ки ҷон ба дасти худой, аст. Агар кушта шавию ман ҳам, туро худ ин фахре аст то ҷовидон. Ва агар ту бирахӣ, туро ин из беш бошад.

Бандуй гуфт:

– Ҳама ҷомахои хеш берун кун ва маро деқ ва худ барнишин ва бо ёрон бирав ва моро бо эшон биғузор.

Парвиз чомаҳои маликона аз тан баркашиду ба Бандуи дод аз сар то пой ва худ бо Бистому ёрон бирафт. Бандуй он чомаҳои Парвиз андар пӯшид ва роҳиброро гуфт:

Агар сухан бигуи, бикушамат.

Роҳиб ӯро гуфт:

– Ҳар чӣ хоҳӣ, кун.

Бандуй чомаи зарбофт дар пӯшиду асоба (пешонибанд) ба гавхар барбаст ва бар боми савмиа биистод ва дар савмиа бистго сипоҳ фаро расид. Бингаристанд, ӯро диданд бо он ҷома ва гавҳарҳо хаметофт бо офтоб андар чун чароғ. Шак накарданд, ки вай малик аст. Сипоҳ гирди он савмиа фуруд омаданд. Пас» Бандуй аз бом фуруд шуд ва чомаи хеш андар пӯшид ва ба бом омаду бонг кард мар сипоҳро, ки «манам Бандуй». Амиратонро бигӯед, то эдар фароз ояд, то паёме аз кисро ба вай дихам, ки фармоне ҳамефармояд. Баҳроми Сиёвушон аз миёни лашкар берун омад ва фарои (пеши) савмиа омад. Бандуй ӯрр салом карду саломи Парвиз бидод. Гуфто:

– Қисро туро салом ҳамекунад ва ҳамегӯяд: «Алҳамдулиллоҳ, ки ту омадӣ аз паси мо, ки ту ҳам аз мой».

Баҳром ӯро бишнохту бар вай салом карду гуфт:

– Ман раҳии (ғуломи) Парвизам.

Вай гуфт:

– Парвиз эдун ҳамегӯяд, ки имрӯз се рӯз аст, то ман ҳаметавонам ва ғамин (ранҷур) шудаам ва донам. ки бо ту бибояд

омадан ва хештанро ба қазои худой супурдам. Агар бинӣ (салоҳ бинӣ), як имрӯз фуруд ой то шабонгоҳ, ки мо биёсоему ту лиз бо мардумони хеш биёсой. Чун шаб андар ояд, биравам.

Баҳроми Сиёвушон гуфт:

– Ннъма каромат (чи каромате)! Камтарин чизеро ӯ бар ман фармон додааст ва мулк ӯро ҳак аст.

Он рӯз бигузашт, чун офтоб фурӯ шуд, Бандуй ба сари девори савмиа баромад ва Баҳромро бихонду гуфт:

– Парвиз -эдун ҳамегӯяд, ки ту имрӯз бо мо накӯй кардӣ ва сабр кардӣ, то шаб андар омаду торик шуд. Бояд, ки имшаб низ сабр кунӣ, то бомдоди пагоҳ биравем.

Баҳром гуфт:

– Раво бошад.

Сипоҳро гирди савмиа андар бихобонид ва чун сапедадам буд, Баҳром сипоҳ барнишонду Бандуйро овоз дод, ки бояд рафтан.

Бандуй гуфт:

– Инак берун ҳамеояд, то офтоб барояд, ки малик ҳама шаб нахуфту ба ибодат машғул буд. Як замони дигар сабр кунед.

Ва ҳилат ҳамекард ва хост, ки то нимрӯз шавад. Баҳром тангдилӣ кард. Бандуй дари савмиа бикшоду берун омад ва гуфт:

– Эдар манам танҳо ва Парвиз аз дӣ боз рафтааст. Чун Шумо аз дур пайдо омадед, вай бирафту ман хостам, ки шуморо як шабонаруз бидорам, то вай дур шавад. Агар шумо барнишинед, ӯро андар наёбед. Ҳар чӣ хоҳед, кунед.

Баҳроми Сиёвушон мутаҳайир бимонду бо худ гуфт: «Агар ман Баидуйро бикушам, чӣ суд дорад? Ва ӯро ба наздики Баҳром барам». Пас ӯро сӯи Баҳром бурд. Баҳром гуфт:

– Е фосик, он на бас буд. ки малик Ҳурмузро бикӯштӣ, ки ин....ро низ аз дасти ман бираҳонидӣ. Ман туро чунон бикушам,. ҳар чӣ батар, ки ҳама халқ аз ту ибрат гиранд, валекин он гох^ кунам, ки Бистомро ва Парвизро гирифта бошам. Пас ҳамароба як ҷой бикушам.

Баҳром Бандуйро ба дасти Баҳроми Сиёвушон супурду гуфт:

– Инро ба зиндон андар ҳамедор, ба тангтар чое, то худой эшонро ба дасти ман боз орад.

Баҳроми Сиёвушон Бандуйро ба хонаи хеш бурду он чо. даст боздошташ ва иекӯ ҳамедошт. Ба рӯз ба хона андар дош-тӣ ва ба шаб бо вай ба маҷлиси шароб биншастию май хӯрдандӣ ва то рӯз ҳадисҳо

ҳамекардандӣ, бар умеди он ки магар рӯзе Парвиз боз расад ва ӯро некӯ дорад.

Пас чун моҳе чанд баромад ва Баҳром ба мамлакат бибуд, Ҳурмузро писаре буд хурд, номи вай Шаҳриёр. Баҳром мулки хештанро даъвӣ накард. Гуфт:

– Ман ин мулк бар Шаҳриёри Ҳурмуз нигоҳ ҳамедорам, то вай бузург шавад, он гоҳ ба вай супорам.

Пас як шаб Бандуй бо Баҳроми Сиёвушон май хамехӯрд ва ҳадис ҳамекарданд. Бандуй гуфт:

– Ман яқин дорам, ки ин мулк бар Баҳром напояд ва рост наистад, ки вай ба ғасб ин мулк гирифтааст. Худои азза ва чалла доди Парвиз аз вай биситонад.

Баҳроми Сиёвушон гуфт:

— Ман низ донам ва худой ӯро уқубат кунад ва ман умедворам, ки худой маро ниру диҳад, то он кор бикунам.

Бандуй гуфт:

– Чӣ ният дорӣ?

Гуфт:

– Он ният дорам, ки рӯзе ба майдон биистам ба баҳонаи чавгон задан ва чун Баҳром берун ояд аз кушк, ман ӯро бикушаму Парвизро боз орам ва ба мулк биншонам.

Бандуй гуфт:

– Ин кор кай хоҳӣ кардан?

Гуфт:

– Ҳар гоҳ ки вақт бошад ва роҳ ёбам.

Гуфто:

– Фардо вақт аст.

Гуфто:

– Рост мегӯй.

Ва бар он бинҳоданд, ки ин кор фардо рост кунанд. Дигар руз Баҳроми Сиёвушон бархосту зиреҳ андар пӯшид ва зи рӯи судра (синапӯш) чавгонӣ андар пӯшид ва чавгоне баргирифт, то ба майдон шавад. Бандуй гуфт:

– Агар ин кор хохӣ кардан, банд аз ман бардор ва аспу силоҳ ба ман деҳ, ки ман туро ба кор оям, агар туро коре афтад.

Баҳром банд аз вай бардошту аспу силоҳ додаш ва худ барнишасту бирафт ба чавгон. Ва Бандуй ҳам ба хонаи Баҳроми' Сиёвушон андар хамебуд. Ва хоҳарзодаи Баҳром Шӯбин зани

Баҳроми Сиёвушон буд. Ин зан кас фиристод-сӯи Баҳроми Щӯбин, ки ин шӯи ман имрӯз чомаи чавгон эадан андар пӯшид ва бо чавгон берун шуд ва зери судра андар зиреҳ дорад. Надонам ин чист, хештан' аз вай барҳазар дор. Баҳроми Шӯбин битарсид, пнндошт, ки Баҳроми Сиёвушон бо хамаи сипоҳ байъат кардааст бар куштани вай. Барнишасту чавгон ба даст гирифт. ва бар дари майдон биистод ва ҳар кӣ бар вай баргузашт, чавгоне бар пушти вай задӣ нарм-нарм. Бо ҳеч кас зиреҳ наёфт. Донист, ки ин тадбир вай танҳо сохтааст ва шамшер бар миён дошт. Чун Баҳроми Сиёвушон андар омад, Баҳром чавгон бао пушти ӯ зад. овози зирех омад. Гуфт:

– Ба майдони ҷавгон задан зиреҳ чаро дорӣ?

Шамшер баркашиду бизад ва сараш бияндохт. Чун хабари Баҳроми Сиёвушон ба Бандуй расид, ки вай кушта шуд, аз он ҷо бар асп нишасту бигрехт ва ба Озарбойгон шуд. Баҳром дигаррӯз Бандуйро талаб кард, гуфтанд:

– Бигрехт.

Баҳром дареғи бисёр хӯрд ба накуштани ӯ. Пас дигаррӯз Баҳром бишнид, ки андар сипоҳ гуфтугӯй аст ва ҳар касе ҳамегуяд, к*ин мулк Баҳромро на саэостБифармуд, то ҳамаи сипоҳро гирд карданд ва болинхои дебо бар забари якдигар ниходанд ва он ҷо биншаст, то ҳамаи сипоҳ ӯро бидиданд ва точ' бар сар ниходу мардумонро хутба кард ва худойро ҳамду сано. *кард ва бар Нӯшервон ва бар ҳамаи маликон дуо кард. Пас; гуфт:.*

– Эй мардумон, шумо ҳаргиз шунндаед, ки касе ба падари хеш он кард, ки Парвиз кард бо Ҳурмуз аз баҳри мулки ҷаҳоқ ва падарро бикушт. Худой мулк аз вай бисатад ва бад-он ҷаҳон укубат кумадаш. Ва ҳаргиз касе ҳеҷ касро бад-он накӯӣ надошт, ки ман Баҳроми Сиёвушонро доштам ва бо ман ғард карду хост, ки маро бикушад, то худой ӯро бар дасти ман ҳалок кард, Ё мардон, ман ин мулк на хештанро хоҳам, ки ман мулк ба Шаҳриёр хоҳам супурд. Ва аммо Парвиз, ки падарро бикушт, ӯро андар мулки падар баҳрае нест ва андар мероси па*дар ҳак нест. Мардумон ғулғул (ғавғо) андар гирифтанд, гурӯҳе гуфтанд:

– Писандидем Баҳромро ба мулк то Шаҳриёр бузург шавад.

Ва гуруҳе гуфтанд:

– Мулк ба Парвиз ҳактар, ки вайро андар куштани Ҳурмуз гуноҳ набуд ва Парвиз нахосту нафармуд.

Чун Баҳром дид, ки мардумон ихтилоф карданд, эшонро гуфт:

– Хомӯш бошед, ки то яке сухан бигӯям ба дод (аз рӯи адл)! Ҳама хомӯш шуданд, Баҳром гуфт:

– Ин мулк Шаҳриёрро дорам ва бад-ӯ супорам, чун бузург шавад. Парвизро андар мулк ҳақ нашиносам ва бад-ӯ надиҳам, ки шумо маъзуред. Ҳар касе, ки ҳавон вай хоҳад ва мулк ба Шаҳриёр написандад, аз подшоҳии вай берун шавад ва ҳар куҷо хоҳад, шавад. Ва се рӯзатон замон додам, агар аз паси се рӯз касеро аз ин мухолифон бад-ин подшоҳӣ андар бигирам. ҳамаро бикушам.

Ва мардумон ҳам бад-ин сухан бипароканданд ва рӯзи седигар (сеюм) бист ҳазор мард аз мухолифони Баҳром аз Мадоин берун шуданд ва рӯй ба Озарбойгон ниҳоданд сӯи Бандуи холи Парвиз Ва бо вай гирд омаданд ва Бандуй эшонро шукр карду гуфт:

– Парвиз сӯи мулки Рум шудааст ва ман ӯро чашм ҳамедорам (интизорам), замон то замон, ки бо сипэҳӣ фароз ояду бо Баҳром ҳарб кунад. Шумо низ биншинеду чашм ҳаме доред.

Сипоҳ он ҷо биншасту Баҳром мулк бнгрифту эмин биншаст ва кордорон ба шаҳрҳо фиристоду бар тахти зарин нишасту тоҷ бар сар ниҳод ва халқро бор дод ва Шаҳриёрро ба хона андар хамедошт ва ба халқ нанамудӣ, то бузург шавад. Ва хештанро малик бихондӣ ва номаҳо, ки набиштӣ, сӯи уммол (амалдорон) эдун набиштӣ бар унвони нома: «Ман Баҳром ибни Баҳром ибни Ҷашнис алкаим улмулк». Ва ҳама хироҷҳо бисатад ва рузиҳо бидод ва ҳама мулкат ба сиёсату дод ҳамедошт ва ҳеч кас бар вай айбе натавонистӣ кардан, то он рӯз, ки Парвиз аз Рум боз омаду бо вай ҳарб кард.

Пас чун Парвиз аз он савмиаи роҳиб биҷаст ва ҷома Бандуйро доду бирафт ба Антокия шуд ва номи маликаррум Маурик буд. Парвиз аз Антокия ба вай нома карду худ он ҷо бинишаст ва Бистомро бо панҷ тан. ба Рум фиристод ва андар нома набишт, ки ман сӯи ту ба зинҳор (ба панох) омадам аз сарҳангони хеш, номи вай Баҳроми Шӯбин. Сипоҳро бар ман бишӯриду табоқ кард ва мулк аз ман бисатад ва ман умед ба ту кардам, ки маро бо сипоҳу хоста ёрӣ кунӣ, то мулки хеш бигирам. Қайсар ҳафтод ҳазор мардро номзад кард ва эшонро хама рӯзӣ бидод ва писари хеш Таётусро (Теодориус) гуфт, ки туро бар эшон солор кардам...

Ва Парвиз биёмад ва ба шаҳри Шиз фуруд омаданд. Ва Шиз шаҳре аст бузург аз Озарбойгон ва бад-ӯ андар оташкада буд. Ва хабар ба Баҳром омад, сипоҳ арз кард ва аз Мадоин берун омад ва рӯй ба Парвиз ниҳод, то ба як манзиле бирасидон ҷо ки Парвиз фуруд омад.

Чун дигаррӯз баробар омаданд, сафҳо рост карданд ва ба ҳарб биистоданд. Баҳром ба қалб андар биистод бар аспе аблак, Парвиз ӯро шинохт. Ва ба лашкари Баҳром андар се турк буд — мубориз. Он гаҳ, ки Баҳром бо сипоҳи турк ҷанг карда буд, эшон ба зинҳор сӯи Баҳром омада буданд ва андар ҳамаи лашкари Туркистон аз он се турк мардонатар набуд. Эшон ҳар се аз лашкари Баҳром берун омаданду Парвизро гуфтанд:

Масоф диҳем ва ҳар се ягон-ягон бо ту чанг кунем, берун ой.

Парвиз берун шуд. Таётус гуфт:

– Берун машав, ки маликро ба ҳарб набояд шудан.

Парвиз гуфт!

– Худовандро (шоҳро), ки ба ҳарб хонанд, набояд. ки пой» бозкашад ва чун бор аз хар бияфтад, худовандро (соҳибро) бар хар бояд ниҳод.

Парвиз берун омаду як турк пеши вай омад. Парвиз бо ӯ бигашт, ӯро ба найза аз пушти асп бардошту бияфганд ва шамшер бизаду бикушт. Дигар турк биёмад ва Парвиз ӯро як шамшер бизаду бикушт. Дигар турк, ки биёмад, пушт баргардониду бидавид. Аз паси вай бишуд ва як шамшер бар китф задаш вз ниме аз тан чудо карда ва худ ба лашкари хеш боз омад. Ва мардумони Руму Аҷам чун бидонистанд, ки Парвиз чунон қуввату мардӣ дорад, шод шуданд. Ва Таётус аз шодӣ аз асп фуруд омаду рикобаш буса дод ва ҳамаи лашкар замин бӯса доданд ва аз он даҳ савори «ҳазормард»[2] яке биёмаду гуфт:

– Ё малик, туро чандин далерӣ асту мардӣ чаро аз сарҳанге аз они хеш бигрехтӣ?

Парвизро андуҳ омаду хомуш буд. Ин «ҳазормард» Парвизро гуфт:

Кадом аст ин савор, ки ту аз ҳазимати вай ба Рум омадӣ, то ман туро аз вай бираҳонам?

– Парвиз гуфт:

– Он аст, ки аспи аблақ дорад ба миёни лашкар андар.

«Ҳазормард» асп берун афганду пеши лашкари Баҳром шуд ва ӯро ба ҳарб хонд. Баҳром берун омаду бо ин «ҳазормард» бигашт ва захме бизад ин «ҳазормард»-ро бар сар ва то зинкӯҳа (яъне кӯҳаи зин) бибурид ва хафтону ҷавшан ҳама бигузошт. Парвиз қаҳқаҳа бихандиду Таётус ва румиёнро аз он хандаи Парвиз андӯҳ омад.

[2] Касоне, ки лакаби «қазормард» дар шучоату мардонагӣ доштанд.

Таётус ӯро гуфт:

– Чаро хандидӣ, ки чунон мубориза кушта шуд?

Гуфт:

Зеро ки маро сарзаниш кард ба Баҳром, то худой зарбати Баҳром ӯро бинамуд.

Пас Парвиз бифармуд, то он мардро аз хун бардоштанд ва ба киру кофуру зангор барандуданд, то хушк шуд ва бар чаммозагон (уштурони тундрав) бибурданд ба сӯи қайсар. Ва нома навишт ба маликаррум. ки ин нома аз ҳарбгоҳ набиштам. Мардумони ту маро сарзаниш карданд, ки ман аз сарҳанге они хеш бигрехтам ва ин мардро ба сӯи ту фиристодам, то бидонӣ, ки ин мард, ки ман аз вай бигрехтам, зарбати ӯ чунин аст. Хосса, ки лашкар ҳамаро дил бар ман табоҳ карду рӯй аз ман бигардониданд.

Пас он рӯз ҳарду сипоҳ ҳарб карданд ва бисёр кас кушта' ва хаста омад. Шабогагоҳ боэгаштанд. Дигаррӯз ҳамчунон бархостанд ва ба ҳар-б шуданд ва ҳамчунон бисёр кас кушта шуд. Пас седигар рӯз Парвиз ба румиён кас фиристод, ки шумо фардо биёсоед, ки ин бист ҳазор савори Аҷам ҳарб кунанд. Ва эшонро меҳтаре буд номи ӯ Мӯсис ал-Арманӣ, ки аз сархангони Аҷам буд. Дитаррӯз Парвиз ӯро туфт:

– Бираву имрӯз ҳарб кун.

Бирафтанду ҳарб карданд ва бисёр кас аз ҳарду ҷониб кушта шуданд ва шаб бозгаштанд. Баҳром сӯи Парвиз кас фиристод, ки фардо ҳарб миёни мо ҳарду аст тан ба тан, ё ман туро бикушам ё ту маро. Парвиз ичобат (қабул) кард. Днгаррӯз Бандую Бистом гуфтанд:

– Мо написандем, ки ту ба ҳарби Баҳром шавӣ.

Парвиз гуфт!

– Чӣ бошад? Агар вай маро бикушад, ман аз хештан бираҳам ва шумо виз хам аз ман бираҳед, ки дер шуд, то шумо ба азоби ман андаред.

Ҳарчанд хохиш карданд, суд надошт ва рузи дигар сафхо рост карданд. Баҳром аз лашкар беруи омад ва ба Парвиз овоз доду гуфт:

– Агар мулк хоҳи, берун ой!

Парвиз берун омад ва бар якдигар ҳамла карданд. Баҳром хештан ба Парвиз афганд, хост, ки зарбате бизанадаш. Парвиз аз пеши вай бигрехт. Хост, ки ба лашкаргохи хеш шавад, Баҳром пеши вай андар омаду рохи вай бигирифт. Парвиз ба миёни ду лашкар андар бимонд. Пас сар берун ниҳод (аз миёни ду лашкар) ва битохт то ба наздики кӯҳ. Чун ба наздики кӯҳ, ки он ҷо андар, аз чониби рости

лашкар, кӯҳе буд. Чун ба мавдики кӯҳ расид, Баҳром бонг кард, ки кучо хамешавӣ? Пеш кӯҳу пас шамшер! Парвиз асп фуруд омаду аспро бигузошт ва силоҳ боз кард ва сар ба кӯҳ барниҳод. Баҳром чун дар пеши кӯҳ расид, аз асп фуруд омад ва аз паси Парвиз сар ба кӯҳ ниҳод ва ҳамерафт. Чун Парвиз ба нимаи кӯҳ расид, бимонд. ки болое буд баланд, -натавонист бар шудан (боло шудан). Баҳром бад ӯ андар расиду камон ба зеҳ кард, к-аш ба тир занад. Кисро рӯй сӯи осмон карду гуфт:

– Ё раб, ту дони, ки бар ман ситам ҳамекунад, маро фарёд рас аз ин ситамкор

Пас неруе ба тани кисро аидар омаду шитофт ва ба сари кӯҳ бар шуд. То Баҳром камон ба зех кард, Парвиз аз чашми вай нопадид шуда буд. Ва муғон гӯянд. ки фариштае биёмаду дасти Парвиз бигирифт ва ӯро ба сари кӯҳ бурд. Пас Баҳромфуруд омад аз он ҷо ва барнишаст ва ба сипоҳи хеш боз шуд. Замоне буд, Парвиз аз кӯҳ фуруд омад ва бар аспи хеш барнишасту ба лашкаргоҳ омад ва лашкари Руму Ачамро харду; як карду ҳарб карданд, он рӯз низтошабва бисёр кас кушта шуд ва ҳарду бозгаштанд. Бандуй мар Парвизро гуфт:

– Ё малик, ин сипоҳи Баҳром ҳам аз сипоҳи туанд ва они Ҳурмуз буданд ва Баҳром эшонро бегона аст ва эшон аз бим сӯи ту наёранд (натавонанд) омадан. Эшонро зинҳор деҳ.

Парвиз гуфт!

– Раво бошад.

Бандуй ба шаб андар биёмад ва баробари лашкаргоҳи Баҳром биистод танҳо ва овоз кард, ки эй мардумони Ачам, ман Бандуям холи Парвиз ва кисро шуморо ҳама зинҳор дод. Ҳар кӣ имшаб ба зинҳор ояд, вай эмин аст аз ҳама гузаштаҳо. Баҳром овоз бишнид. Бар асп нишасту найза ба даст гирифту оҳанги Бандуй кард. Бандуй чун Баҳромро бидид, бигрехт ва ба лашкаргоҳи Парвиз боз омад ва он шаб ҳамаи лашкари Баҳром сӯи Парвиз омаданд. Чун бомдод шуд, аз он сад ҳазор мард, ҷуз чаҳор ҳазор бо Баҳром намонда буд. Баҳром Мардоншоҳро гуфт:

– Бибояд рафтан.

Бифармуд, то бар ниҳоданд ва роҳи Хуросон гирифт бо он чаҳор ҳазор мард. Ва кисро ба Мадоин бозомад ва мардеро аз сарҳангони хеш бо се хазор мард аз паси Баҳром бифиристод. Он сарҳанг бирафту рӯзи седигар Баҳромро андар ёфт. Баҳром биистод

ва бо вай ҳарб кард ва лашкарашро ҳазимат кард ва ӯро асир кард ва хост, ки бикушад. Вай хоҳиш карду гуфт:

– Маро макуш, то ҳар кучо ту хоҳӣ рафт, биёям.

Баҳром ӯро яла карду гуфт:

– Ба бари худовандат боз шав, ки маро ба ту ҳоҷат нест.

Ва Баҳром бирафт, то ба ҳудуди Ҳамадон расид. Бад-он рустоҳо ба деҳе андар фуруд омад ба хонаи зане гандапир (пири фартут) бо ғуломони хоссаи хеш. Ва он зан сахт дарвешбуд ва шаб торик буд. Баҳром сандуқи хеш пеш хост, бифармуд таом берун карданд ва лахте бихӯрданд ва он ки беш омад, мар он гандапирро дод. Ва шароб буд бо эшон лахте ба қадаҳҳо ба ҷои дигар андар буд, андар бор ниҳода. Гуфтанд:

– Натавонем берун кард.

Баҳром он гандапирро гуфт:

– Чизе дорӣ, ки андар ӯ шароб хӯрем?

Он зан яке кадуе шикаста биёварду гуфт:

– Ман об андар ин хӯрам.

Баҳром он бисатад ва май бад-он ҳамехӯрд. Пас нуқл хост, ғулом нукл овард ва пеши вай бар замин рехт. Гуфто:

– Табақ надорӣ?

Гуфт:

– Ба сандуқ андар аст, натавонам берун гирифтан.

Баҳром он гандапирро гуфт:

~ Табақе дорӣ, то нуқл бар он ҷо кунем?

Он зан табақе биёвард гилин, бо саргин омехта, чунон ки занон кунанд ва пеши Баҳром ниҳоду гуфт:

– Ман нон бар ин хӯрам.

Баҳром нуқл бар он ҷо кард ва ҳамехӯрд ва бӯи саргин аз он ҳамеомад. Пас шароб андар Баҳром кор кард ва он гандапир нишаста буд ва аз он каду бӯи нохуш ҳамеомад ва Баҳром сабр ҳамекард. Он занро гуфт:

– Хабар дорӣ аз корҳои ин ҷаҳон?

Гуфт:

Хабар эдун шунидам, ки Парвиз аз Рум сипоҳ овардааст ва бо Баҳром ҳарб карда ва Баҳромро ҳазимат карда.

Баҳром гуфт:

– Мардумон чи мегуянд, ки Баҳром ин савоб кард Ё хато?

Зан гуфт:

– Ҳамегӯянд хато кард. Баҳромро бо малик чӣ кор буд? У на аз аҳли байти малик буд. Баҳромро ҳамон чокарӣ боист кардан, то хуш ҳамезистӣ.

Бандуй гуфт:

– Ё зан, аз он аст, к-аз набизи (шароби) Баҳром бӯи каду ҳамеояду зи нуқлаш бӯи саргин!

Пас дигаррӯз сипоҳ баргирифту ба Рай шуд ва аз о» ҷо ба Хуросон шуд. Чун ба Қумиш расид, ба ҳудуди Домғон кӯҳҳост, миёни Қумиш ва Ҷурчон ва бад-ӯ андар деҳҳо бисёр аст ва он ҷо андар мардумони кӯҳиён бошанд ва эшонро малике буд номаш Қоран ва зи маликзодагон буд. Ва Нӯшервон мулк бад-ӯ дод, ки ӯ ба насаб бузург буд ва дастуре дода буд, ки бар тахти заррин нишинад ва чун подшоҳӣ ба Ҳурмуз расид, ӯро ҳамчуион дастуре дода буд. Ва пир шуда буд ва он кӯҳҳоро ҳама бад-ӯ хондандӣ ва то имрӯз ҳам ба фарзандони вай бозхонанд. Қоран бо сипоҳ пеши Баҳром бозомад ва рои Баҳром бигирифт ва писарро бо дувоздах хазор мард Пеши Баҳром фиристод. Баҳром сӯи вай кас фиристод, ки маро роҳ деҳ, то биравам ва туро наёзорам. Ва подоши ман аз ту на ин аст, ки ман бо сипоҳи бисёр бигзаштам ва туро наёзурдам. Қоран гуфт:

– Роҳ надихам, ки ту бар худованди хеш осн шудӣ ва ҳамаи ҷаҳонро пурошӯб кардӣ. Ман туро ба Парвиз фиристам. Ё бг накӯӣ ба итоат ойӣ, ё бо ту ҳарб кунам ва асир кунамат ва бифнристам.

Чун Қоран фармони Баҳром накард, Баҳром харбро биёрост, бо чаҳор ҳазор мард ва сипоҳи Қоран дувоздаҳ ҳазор мард буд, Ҳамаро бишикаст ва бисёр бикушт ва писари Қоран кушта шуд ва Қоранро асир гирифту хост, ки бикушад. Кора» хоҳиш карду гуфт:

– Маро ба харби ту ин писар овард ва писар худ кушта шуд ва ман марде пирам афв кун.

Баҳром ӯро яла карду бирафт ва ба Хуросон то лаби Ҷайҳуи ва аз он ҷо ба Туркистон шуд. Ва ба Туркистон андар малике буд, на хеши Парвиз, номи вай Хоқон. Баҳром сӯи Хоқон ба зинҳор шуд ва Хоқон ӯро бипазируфт ва некӯ ҳамедошт ва Баҳром андар Туркистон бисёр корҳо кард аз мардонавӣ ва Парвиз ҳилатҳо кард, то Баҳромро андар Туркистон бикушанд ва мар Баҳромро хоҳаре буд номи вай Кардуя, биёмад ва зани Парвиз ибни Ҳурмуз ибни Анушервон буд...

**АБӮАЛИИ БАЛЪАМӢ**

**БАҲРОМИ ЧӮБИН**

*(на тадж. языке)*

**Мудири редакция** ***Аъзами Худодод***

**Муҳаррири ороиш** ***Ғ. Шукурӣ***

**Муҳаррири техникӣ** ***Т. Любицкая***

**Баргардонанда ба шакли электрони**

***Ziyozoda Jumakhoni Said***

***23.01.2015***

**НК**

**Ба матбаа 16.03.92 супурда шуд. Ба чопаш 25.05.92 имзо шуд. Формати 60Х84 Қоғази типографӣ. Чопи барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 2,325. Ҷузъи нашрию ҳисоби 2,232. Супориши № 805. Адади нашр 50 000.**

**Нашриёти «Маориф», 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.**

**Комбинати полиграфии Вазорати матбуот ва ахбори Тоҷикистон. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.**